Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ассотсиатсияи Милии хоҷагиҳои деҳқони (фермерӣ) ҶТ

ДАР СОМОНАИ МО МАВОДҲОИ ГУНОГУНИ ФОИДАНОК ЗИЁД АСТ. МАРҲАМАТ БО ТАВРИ РОЙГОН ДАСТРАС НАМОЕД! WWW.AIST.TJ

Хизматрасонии барои ҷамъоварӣ ва паҳн намудани маводҳои гуногун дар соҳаи кишоварзӣ ташкил гардидааст ва барои мазмун ва мундариҷаи маводҳо ҷавобгар нест. Аммо, дар ҳолати пайдо шудани хатоҳо ва бо мақсади бартараф намудани онҳо, аз ҳамаи истифодабарандаҳо хоҳиш дорем, ки моро тавассути қуттии электронии мо mail@aist.tj огоҳ намоянд. Қаблан миннатдории хешро баён **намуда ба фаъолияти ҳамаи Шумо баракат орзу дорем**!

# БОҒПАРВАРӢ

(ТАВСИЯНОМА)



Душанбе – 2011

Тавсияномаи мазкур дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ (JICA) «Беҳтар намудани хизматрасонӣ дар соҳаи кишоварзӣ тавассути мустаҳкам намудани ташкилотҳои кишоварзӣ дар Тоҷикистон" таҳия ва нашр карда шуд.

**<u>Муаллиф:</u>**

Гулов Саидалӣ Маъмурович - доктори илмҳои биологӣ, профессор

Тавсияномаи мазкур барои фермерон, боғдорон, аграномҳо, донишҷӯён пешниҳод карда мешавад.

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия карда аст.

www.aist.tj

Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ассотсиатсияи Милии хоҷагиҳои деҳқони (фермерӣ) ҶТ

# БОҒПАРВАРӢ

(ТАВСИЯНОМА)

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

Душанбе – 2011

# ПЕШГУФТОР

Боғдорӣ аз қадимулайём шуғли асосии тоҷикон аст. Ба парвариши дарахтони мевадиҳанда ҳануз аҷдоди тоҷикон, яъне суғдиён, бохтариҳо, сакоиҳо ва дигарон машғул буданд. Бо маводи ғизоӣ таъмин кардани инсон бидуни истеҳсоли мева ғайриимкон аст.

Ба истеҳсоли меваву ғуҷуммева яке аз соҳаҳи асосии кишоварзӣ-боғдорӣ машғул мебошад. Мева баҳри саломатии инсон аҳамияти калон дорад. Дар таркиби меваҷот маводи барои организм ниҳоят зарур ва манфиатбахш, аз қабили қанд (глюкоза, фруктоза), оҳар (крахмал), равған, ҳамчунин пайвастҳои фаъоли биологӣ-витаминҳо, ферментҳо, намакҳои маъданӣ, равғани эфир ва ғайра вуҷуд доранд. Онҳо ба фаъолияти узву бофтаҳои инсон таъсири муфид мерасонанд.

Бинобар ин ҳар як инсон бояд дар давоми сол на кам 100 кг мева истеъмол намояд. Талабот ба мева беш аз пеш меафзояд. Таъминоти аҳолӣ ба мева дар ҳамаи мавзеъҳои ҷумҳурӣ як хел нест ва дар ин бобат душвориҳои зиёде пеш меоянд.

Зарурати ин тарзи корро инкишофи муносибатҳои бозаргонӣ, соҳибистиклол гаштани ҷумҳурӣ, ба худмаблағгузорӣ ва худтаъминкунӣ гузаштани иқтисодиёт низ тақозо мекунад.

Масоҳати Тоҷикистон 143,1 ҳаз. км$^2$ аст, ки 93 фисади онро заминҳои назди кӯҳӣ (доманакӯҳҳо) ва системаи кӯҳҳои сар ба фалаки Тиёншон ва Помиру Олой ишғол менамоянд. Аз ии нуқтаи назар барои Тоҷикистони камзамин ҳарчи бештар такмил додани соҳаҳои кишоварзӣ, бахусус боғу токдорӣ муҳим аст.

Алҳол дар ҷумҳурӣ барои беҳтар намудани нигоҳубин ва тарзи парвариши ниҳолҳо, бунёди боғот, истифодаи навъҳои беҳтарини дарахтони мевадиҳанда диққати зиёд медиҳанд. Ба ҷои боғҳои бенизому ҷангалистон боғҳои замонавӣ бунёд карда мешаванд.

Иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон № 683 аз 27 августи соли 2009 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» далолат мекунад, ки дар ин самт эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Бо мақсади иҷрои қарори мазкур Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои махсус таҳия намудааст, ки нашри тавсияномаи мазкур барои боғдорон яке аз онҳост. Дар ҳолати амалӣ гаштани пешрафту инкишофи боғдорӣ сокинони ҷумҳурӣ ва соҳаҳои хуроквориро бо меваҷот таъмин кардан мумкин аст.

Зардолуву нок, анору себ, шафтолуву ангури Тоҷикистон хеле хушсифат ва хуштаъм буда, шӯҳрати оламшумул доранд. Ба афзоиши истеҳсоли зардолу, меваҳои субтропикӣ ва чормағз нафақат таҷрибаи ғании аҳолӣ, беҳтар будани шароити иқлим, балки мавҷудияти заминҳои партов низ мусоидат мекунад.

Инкишофи босуръати боғдорӣ фақат дар мавриди ба назар гирифтани дастовардҳои илм, махсусияти табиати ҳар як минтақа ва ноҳияи мевапарварӣ бо мақсади оқилона ҷойгир кунондани навъҳои дарахтони мевадиҳанда имконпазир аст. Дар ин чода ҳанӯз корҳои зиёдеро ба субут расондан лозим меояд. Алҳол боғдории Тоҷикистон дастовардҳои назаррасеро соҳиб шудааст.

Таҷрибаи деҳқонону навоварон бояд дар истеҳсолот фаровон корбаст шавад. Иқлими мувофиқ, мавқеи ҷуғрофии хуб ва дур будан аз баҳру уқёнусҳо баҳри руёндани ҳосили баланд дар Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Тоҷикистон дар қисми ҷануби Осиёи Марказӣ байни арзҳои 36 ва 41$^{0}$ шимолӣ ҷойгир аст. Чунин мавқеи ҷуғрофӣ боиси зиёд шудани радиатсияи офтоб ва гармӣ гашта, дурӣ аз манбаъҳои бузурги об иқлими сарзаминро континентии шадид намудааст. Дар ин ҷо фарқияти ҳарорати шабонарӯзӣ ва солона хеле тағирёбанда мебошад.

Кӯҳсор будани сарзамини Тоҷикистон таъсири омилҳои мазкурро боз ҳам тақвият мебахшад. Гуногунии релеф ва фарқияти баландӣ аз сатҳи баҳр боиси тағйир ёфтани низоми ҳарорат ва намии хок гашта, ба раванди хокҳосилшавӣ ва фаъолияти микробиологии хок таъсири калон мерасонад. Дар натиҷаи ин унсурҳои иқлим ва навъҳои хок ҳатто дар мавзеъҳои хурд низ аз ҳамдигар фарқ менамоянд.

Дар водиву пуштакӯҳҳо, ки аз сатҳи баҳр то 1000 м баландӣ доранд, тобистон гарм ва бардавом (ҳарорати миёнаи июл беш аз 30°С; ҳарорати баландтарин 43-47°С) аст. Дар ин мавзеъҳо давраи бесармо 210 - 250 рӯзро ташкил медиҳад.

Зимистон кӯтоҳ ва нарм буда, ҳарорати январ ба ҳисоби миёна 2,5 +2$^{0}$С аст. Аз тарафи дигар мунтазам пайдо шудани ҳавои хунуки арктикӣ боиси якбора паст гаштани ҳарорат мешавад. Дар чунин ҳолатҳо ҳарорати ҳаво ба - 20 - 25°С расида, ниҳоли дарахтони мевадиҳандаро сармо мезанад. Дар шароити Тоҷикистон ингуна ҳолат дар 10-15 сол як маротиба такрор мешавад. Бо зиёд шудани баландӣ аз сатҳи баҳр ин рақамҳо низ тағйир меёбанд.

Қисми бештари боришот, ки вобаста ба баландии маҳал хеле гуногун аст, асосан ба фаслҳои зимистон ва навбаҳорон рост омада, дар аксар мавзеъҳо талаботи рустаниҳоро бо об таъмин карда наметавонад. Бинобар ин дар чунин ҷойҳо зарурати обмонии дарахтон пеш меояд. Бо афзудани баландӣ аз сатҳи баҳр миқдори боришот низ зиёд мешавад ва дар баландиҳои 1200 - 1300 м аз сатҳи баҳр ва беш аз он дарахтони мевадиҳанда бидуни обмонӣ хуб нашъунамо мекунанд.

Гуногунии шароити иқлим ва хоки ҷумҳурӣ имкон медиҳад, ки анвои гуногуни меваҷот, яъне аз меваҳои сармобардор то субтропикӣ ва аз меваҳои намидӯст то хушкитобовар парвариш карда шаванд.

Тоҷикистон аз ҷиҳати шароити иқлиму хоки худ яке аз минтақаҳои беҳтарини дунё оид ба парвариши дарахтони мевадиҳанда ба ҳисоб меравад. Ҳудуди Тоҷикистон вобаста ба иқлиму хок ва омилҳои дигари барои истеҳсоли мева зарур ба шаш минтақаи боғдорӣ ҷудо карда шудааст. Мувофиқи тавсияи олимон бояд дар ҳар минтақа парвариши дарахтони меваи хоси ҳамон маҳал ба роҳ монда шавад.

1. **Вилояти Суғд** (ноҳияҳои дар водӣ ҷойгиршуда). Ин минтақа дар як қисми водии Фарғонаи вилояти Суғд ҷойгир буда, ба он ноҳияҳои Ашт, Исфара, Конибодом, Ғафуров. Ҷаббор Расулов ва Спитамен дохил мешавад. Дар минтақаҳои мазкур асосан парвариши меваҳои донакдор, ба монанди зардолу, олу, гелос, шафтолу ва ғайра ба роҳ монда шудааст. Истеҳсоли меваҷот асосан барои коркарди саноатӣ (консерва, хушконидан) ва фуруш дар шакли тару тоза пешбинӣ шудааст.

2. **Вилояти Суғд** (ноҳияҳои доманакӯҳӣ). Ин минтақа доманакӯҳҳо ва водии Зарафшонро дар бар гирифта барои истеҳсоли меваи тару тоза ва коркарди он пешбинӣ шудааст. Дар ин минтақа истеҳсоли себҳои тирамоҳӣ, зардолу, олу,чормағз ва ангур ба роҳ монда шудааст. Ба ин минтақа ноҳияхои Истаравшан, Шаҳристон, Ашт, Айни, Панҷакент ва Мастчоҳи Кӯҳӣ дохил мешаванд.

3. **Водии Ҳисор.** Водии Ҳисор яке аз водиҳои барои боғдорӣ мусоидтарини Тоҷикистон аст. Ҳудуди онро тӯли қаторкӯҳҳои Ҳисор муайян мекунад. Ба он ноҳияҳои Файзобод, Ваҳдат, Рӯдакӣ, Ҳисор, Шаҳринав, Турсунзода, ш. Душанбе ҳамчунин ноҳияҳои Сариосиё, Деҳнав, Шӯрчӣ ва Бойсуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон дохил мешаванд.

Водии Ҳисор яке аз марказҳои тамаддуни кишоварзӣ буда, мардуми ин диёр аньанаҳои қадимии деҳқониро дорад. Дар водӣ парвариши дарахтони мевадиҳанда, масалан себ, нок, биҳӣ, олу, гелос, олуболу, шафтолу, хурмо, лиму, ангур хуб ба роҳ монда шудааст. Шароити иқлиму хоки водӣ имкон медиҳад, ки меваҳои болаззат парвариш карда шаванд. Истеҳсоли меваҷот асосан барои таъмини эҳтиёҷоти аҳолии шаҳрҳои саноатии водӣ, истеҳсол ва коркарди саноатии он, ҳамчунин барои содирот равона карда шудааст.

4. **Водии Вахш.** Водии Вахш бо иқлими гарми худ ба минтақаи субтропикаи хушк дохил мешавад. Дар водӣ меваҷоти барвақтӣ - себ, олу, зардолу, шафтолу, олуболу, тути заминӣ ва растаниҳои субтропикӣ - лиму, афлесун, норанҷ, хурмо, анор, анҷир, бодом парвариш карда мешавад.

Мақсад аз ривоҷи боғдорӣ таъмини аҳолӣ бо меваҳои тару тозаи барвақтӣ ва содирот ба хориҷи кишвар мебошад. Шароити иклимӣ хусусан барои парвариши меваҳои субтропикӣ мувофиқ аст.

**5. Минтақаи Кӯлоб**. Яке аз минтақаҳои ояндадори боғдорӣ буда, иқлими он барои парвариши себ, нокҳои тирамоҳию зимистона, қисман барои парвариши ток ва анор мувофиқ мебошад. Истеҳсоли меваҷот барои фуруши тару тоза ва нигоҳдории он равона карда шудааст.

Барои пешравии соҳаи боғдории минтақаи мазкур пеш аз ҳама ташкили корхонаҳои коркарди мева ва нигоҳдории замонавии он зарур мебошад. Ба ин минтақа ноҳияҳои Данғара, Темурмалик, Мӯъминобод, Ховалинг, Балҷувон, Шӯробод, Ҳамадонӣ, Кӯлоб, Восеъ ва ғайра дохил мешаванд.

**6. Минтақаҳои Рашту Бадахшон.** Минтақаи мазкур барои парвариши растаниҳои мевадиҳанда бисёр мувофиқ мебошад. Дар водии Рашт беҳтарин навъҳои себу ноки зимистона парвариш карда мешавад, ки барои тархӯрӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар Бадахшон парвариши чормағз, тут, ангат, себ, зардолу мувофиқи мақсад буда, барои пешравии ин соҳа ба роҳ мондани содирот, коркард ва фуруши меваҷот зарур аст. Мақсад аз ноҳиябандии боғдорӣ таъмини хоси технологияи парвариши дарахтони мева, интихоби ҷинс ва навъҳои мувофиқ мебошад.

Хусусиятҳои мазкур зарурати истифодаи роҳу воситаҳои махсус ва анъанавии боғдорӣ, ғунучин, коркард ва нигоҳ доштани маҳсулотро низ пеш меоваранд. Зимнан қайд кардани аҳамияти тадбирҳои пешгирии обшуйшавии хок ҳангоми аз худ кардани заминҳои нав ва бахри боғдорӣ кор фармудани онҳо муҳим аст. Нигоҳ доштани равобити экологии табиати ин ноҳияҳо низ аҳамияти беандоза дорад, зеро оқибати кандашавӣ ва халал ёфтани робитаи экологӣ нохуш аст ва мо онро дидаву санҷидаем.

Ҳамин тавр, боғдорӣ чун соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ ҳалли масоили зиёдеро дархост менамояд, ки донистани биологияи дарахтони мевадиҳанда, ниёзи онҳо ба шароити омилҳои муҳити беруна, роҳу усулҳои афзоиш ва нигоҳубин кардани ниҳолҳо, боғсозӣ, тарзи шинондану нигоҳубин кардани дарахтони мевадиҳанда, ғунучини ҳосил, кашонидани мева, нигоҳ доштану коркарди он, иқтисоди боғдорӣ ва ғайра аз ҷумлаи онҳоанд. Растаниҳои мевадиҳанда аз ҷиҳати тавсифи ботаникӣ ва хусусиятҳои биологии худ ба ҳафт гуруҳ ҷудо карда мешавад:

Ҷадвали 1

*Гурӯҳи ботаникии дарахтони мевадиҳанда*

| № | Гурӯҳҳо | Намояндаи гурӯҳҳо |
|---|---|---|
| 1 | Тухмдорон | Себ, Нок, Биҳӣ, Дӯлона, Мушмула. |
| 2 | Донакдорон | Зардолу, Шафтолу, Гелос, Олу болу, Олу. |
| 3 | Мағздорон | Чормағз, Бодом, Писта, Каштан, Пекан. |
| 4 | Буттамеваҳо | Тути заминӣ, Тамашк (малина), Ангат, Зирк, Қот (смародина), Хуч (ҳулӯл). |
| 5 | Субтропикӣ | Анор, Хурмо, Анҷир, Унноб, Зайтун, Фейхоа Тут, Санҷид, Киви. |
| 6 | Ситрусиҳо | Лиму, Афлесун, Норанч, Грейпфрут, Кинкан Помпелмус, Ситрон. |
| 7 | Тропикӣ | Банан, Ананас, Манго, Дарахти харбуза (Папая), Фундуқ, Какос, Авокадо, Қаҳва, Какао (дарахти шокалад), Кола. |

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

## ИНТИХОБИ ЗАМИНИ БОҒ ВА КОРКАРДИ ОН ПЕШ АЗ ШИНОНИДАНИ НИҲОЛҲО

Замине, ки барои боғҳои интенсивии саноатӣ интихоб шудааст, пеш аз ҳама аз ҷисмҳои нодаркор бояд тоза ва тахту ҳамвор карда шавад. Пас аз он дар асоси санҷиши хоки ин замин миқдори моддаҳои ғизогии таркиби онро муайян кардан лозим аст. Дар шароити Тоҷикистон пеш аз шудгор кардани боғ ба миқдори 30-40 тонна поруи маҳаллӣ, 100 –120 кг нуриҳои фосфордор ва 50-60 кг нуриҳои калийдор (моддаи таъсир-кунанда) ба ҳар як гектар андохта ,баъд ба воситаи плуги плантажӣ дар чуқурии 50-60 см шудгор кардан лозим аст.

Корҳои таёр кардани замини боғи навбунёд на кам аз 2-3 моҳ пеш аз шинонидани ниҳолҳо анҷом дода мешаванд. То бунёди боғҳои интенсивӣ дар заминҳо камаш дар мӯҳлати 3 сол парвариши юнучқа тавсия дода мешавад.

Дар заминҳои боғҳои навбунёд, ба ғайр аз заминҳои санглох ва регхок, гузаронидани шудгори чуқур ҳатмист.



*Тарзи тақсимкунии қаторҳо*



*Тайёр намудани чуқурчаҳо*



*Тайёр намудани шиpахок*



*Тарзи шинонидани ниҳол*

Ин чорабиниро хусусан дар заминҳои наздикӯҳӣ, ки дараҷаи бо об таъмин шуданашон на чандон хуб аст, босифат гузаронидан зарур мебошад, зеро ин тадбир

сабзиш ва нашъунамои хуби дарахтонро таъмин намуда, давраи ба ҳосил даромадани онҳоро метезонад.

## ПАЙВАНДТАКҲО ВА ТАРТИБИ ҶОЙДИҲИИ ДАРАХТОНИ БОҒ

Яке аз омилҳои асосии бунёди боғҳои интенсивӣ - ин парвариш намудани дарахтони нисбатан камбару пакана мебошад. Ин гуна дарахтон як қатор хусусиятҳои хуби биологию истеҳсолиро доранд ва корҳои агротехникӣ дар чунин боғҳо ба осонӣ гузаронида мешаванд.

Бо ин мақсад пайвандтакҳои миёнақад ва паканаро истифода мебаранд. Ҳоло дар Тоҷикистон дар асоси таҷрибаҳои илмӣ барои сабзонидани дарахтони мевадиҳандаи тухмдор ва донакдор тагпайвандҳои гуногун тавсия шудаанд. Барои навъҳои себ: баландқад– намудҳои маҳалии себи Сиверс, ниҳолҳои хасакии навъи Розмарини сафед; миёнақад – М-4, ММ – 106; пакана –М-9.

Барои навъҳои нок – ниҳолҳои хасаки навъи ҷангалӣ ва маҳалии «Анҷирак», инчунин биҳӣ; барои навъҳои биҳӣ - ниҳолҳои хасаки биҳии маҳалӣ; барои навҳои олу ва олуча - ниҳолҳои хасаки маҳалӣ ва олучаи суғдӣ; барои навъҳои олу ва олуча - ниволҳои хасаки маҳаллӣ ва олучаи суғдӣ; барои навъҳои олуболу ва гелос - ниҳолҳои хасаки олуболуи самарқандӣ ва навъи гелоси Драганаи зард; барои навҳои шафтолу- ниҳолҳои хасаки шафтолуи дерпазак; барои навъҳои зардолу - ниҳолҳои хасаки ва намуди маҳалии зардолу.

Вобаста ба он ки дарахтон дар кадом тагпайванд сабзонида шуда-анд, тартиби ҷойгиршавии онҳо дар боғи навбунёд гуногун мешавад. Тартиби шинонидани навъҳои себ дар тагпайванди тухмии баландқад ( хасаки) 6- 8х 5- 6 м, миёнқад –5х4-5 м ва пакана ( карлик) 4 -4,5 х 2- 3 м мебошад.

Тартиби шинонидан:

- барои навъҳои нок дар тагпайванди «Анҷирак» ва ниҳолҳои гуногуни нок -8х6 м ва дар тагпайванди биҳӣ -5 х3-4 м;
- барои навҳои биҳӣ – 6 х 6 м;
- барои навъҳои олу – 6 х5-6 м;
- барои навъҳои шафтолу 6 х 4-5 м;
- барои навъҳои зардолу - 7- 8 х 5 - 8 м;
- барои навъҳои гелос – 6 х 5 - 6 м;
- барои навъҳои олуболу – 5 х 4 м мебошад.

Бисёр навъҳои дарахтони мевадиҳанда (хусусан тухмдорҳо) қобилияти худгардолудкунӣ ва худбордоршавиро надоранд. Бинобар ин барои таъмини ҳосили фаровон ва доимӣ, дар вақти бунёди боғи нав ба интихоби навъҳои мувофиқ ва ҷо ба

ҷо шинонидани онҳо аҳамияти ҷиддӣ додан зарур аст. Дар ҳар як қитъаи биологӣ навъҳои ба ҳам мувофиқ (мӯҳлатҳои гул кунию ба ҳосилдарой, қувваи сабзиш ва ғайра) бояд шинонида шаванд.

Тартиби шинонидани навъҳои асосии бо ҳамдигар гардолудшавандаи дарахтони мевадиҳанда дар ҷадвали дуюм ва сеюм нишон дода шудаанд.

Дар боғҳои саноатӣ чор усули ҷойгиркунии дарахтони мевадиҳанда истифода бурда мешавад.

1. **Чоркунҷа** (байни қатор ва байни дарахтон баробар аст, 5 х 5 м, 6 х 6 м, 8 х 8 м, 10 х 10 м ва ғайра).
2. **Росткунҷа** (байни қатор аз байни дарахтон зич аст, 4 х 3 м, 5 х 4 м, 6 х 4 м, 7 х 6 м, 8 х 6 м).
3. **Шаҳмотӣ ё ки секунҷа** (аввал як қатор шинонида мешавад, қатори дуюм байни ниҳолҳо ҷойгир карда мешавад).
4. **Релефӣ ё контурӣ** (вобаста ба релефи ҷои боғ дарахтон ҷойгир мешаванд)

Дар боғҳои интенсивӣ асосан усули росткунҷа истифода бурда мешавад, чунки аз ҳисоби зичии ниҳолҳо ҳосилнокӣ зиёд мешавад. Ва ҳолати каркарди замин дар нишебиҳо шусташавии қисми рӯи замин эмин дошта мешавад.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

Ҷадвали 2

*Тартиби шинонидани дарахтони мевадиҳанда*

| № | Номгӯи дарахтон | | Байни қатор, м | Байни дарахт, м | ЭЗОҲ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Себ | - қадпаст | 4 - 4,5 | 2 - 3 | Дар заминҳои лалмӣ дар пайвандакҳои тухмӣ (қатбаланд)-7х8м ё 4х6 м |
| | | - миёнақад | 5 – 6 | 4 - 5 | |
| | | - қадбаланд | 6 – 8 | 5 - 6 | |
| | | - сиурҳо | 4 – 5 | 3 - 4 | |
| 2 | Нок | - миёнақад | 5 – 6 | 4 - 5 | Дар заминҳои лалмӣ дар пайвандакҳои тухмӣ (қатбаланд)-7х8м ё 4х6 м |
| | | - қадбаланд | 7 – 8 | 5 - 6 | |
| 3 | Биҳӣ | | 5 – 6 | 3 - 4 | |
| 4 | Зардолу | | 6 – 7 | 5 - 6 | |
| 5 | Шафтолу | | 5 – 6 | 4 - 5 | |
| 6 | Гелос | | 6 – 7 | 5 - 6 | |
| 7 | Олу | | 5 – 6 | 4 - 5 | |
| 8 | Олуча | | 5 – 6 | 5 - 6 | |
| 9 | Олуболу | | 4 – 5 | 3 - 4 | |
| 10 | Чормағз | - қадбаланд | 8-10 | 8-10 | |
| | | - миёнақад | 5 – 6 | 5 - 6 | |
| 11 | Бодом | | 7 – 8 | 7 - 8 | |
| 12 | Пекан | | 10-12 | 10-12 | Дар баъзе ҳолат 12х12м |
| 13 | Шоҳтути замини | | 90 -100см | 30 - 40см | |
| 14 | Тамашк (малина) | | 2,0 - 2,5 | 1,0 - 1,5 | |
| 15 | Қот (смородина) | | 80-90см | 25-30см | |
| 16 | Бектошӣ (крижовник) | | 1,5-2,0 | 1,0-1,5 | |
| 17 | Хурмо | | 5 – 6 | 4 - 5 | |
| 18 | Анҷир | | 5 – 6 | 4 - 5 | |
| 19 | Анор | | 4 | 2,5-3 | |
| 20 | Уннобӣ (челон) | | 4 – 5 | 3 - 4 | |
| 21 | Писта | | 7 – 8 | 6 - 7 | |
| 22 | Лиму | | 3 | 2,0 | |
| 23 | Афлесун | | 3 | 2,5 | |
| 24 | Норанҷ | | 3 | 2,5 | |

Ҷадвали 3

***Навъҳои асосии ҳамдигаргардолудшавандаи дарахтони мевадиҳанда***

| № | Гардолудшаванда | Гардолудкунанда |
|---|---|---|
| | **НАВЪҲОИ СЕБ** | |
| 1 | Сарнахустини Самарқандӣ | Саратонӣ, Ҳосилдор |
| 2 | Саратонӣ | Сарнахустини Самарқандӣ |
| 3 | Ҳосилдор | Боровинкаи Тошкандӣ, Сарнахустини Самарқандӣ |
| 4 | Боровинкаи Тошканди | Сарнахустини Тошкандӣ, Ренет Симиренко |
| 5 | Графенштейни сурх | Пармени тиллои зимистона (Пармеи зимний золата) |
| 6 | Голден Делишес | Ҷонатон, Пармени тиллои зимистона |
| 7 | Золотой Граймо (Голден граймо) | Ренет Симиренко, Розмарини сафед, Наливи сафед. |
| 8 | Ҷонатон | Ренет Симиренко, Голден Грайма |
| 9 | Ҷоноред | Ренет Симиренко, Голден Делишес, Пармени тиллои зимистона |
| 10 | Апорти Олмаатои | Пармени тиллои зимистона, Папенка Аитовская |
| 11 | Пармени тиллои зимистона | Ренет Симиренко, Розмарин |
| 12 | Себи тирамоҳи | Саратони, Сарнахустини Самарқанди |
| 13 | Ренет Симиренко | Наливи сафед, Голден грайма, Блйкен |
| 14 | Розмарини Сафед | Голден Грайма, Наливи сафед |
| 15 | Войнсеб (Уайнсет) | Ренет Симиренко, Розмарини Сафед |
| 16 | Делишес | Пармени тиллои зимистона, Розмарини Сафед |
| 17 | Старкримсон | Голден Делишес, Ҷонатон, Ренет Симиренко |
| 18 | Корей | Голден Делишес, Старкримсон |
| | **НАВЪҲОИ НОК** | |
| 19 | Клаппаи азиз | Нозанини ҷангалӣ, Береи Жиффер, Вильямс, Оливъе де Серр |
| 20 | Нозанини ҷангалӣ | Жозефинаи Мехелнӣ, Клаппаи азиз, Оливе де Серр |
| 21 | Вилямс | Бере Боск, Клаппаи азиз, Нозанини ҷангалӣ, Кюре |
| 22 | Кюре | Клаппаи азаз, Оливье де Серр, Вилямс, Ҷозефинаи Михелнӣ,Дилафруз, Ношпотӣ |
| | **НАВЪҲОИ ЗАРДОЛУ** | |
| 23 | Арзамӣ | Ахрорӣ,Кӯрсодиқ, Хурмоҳӣ, Субҳонӣ, Қандак ва дигар гурӯҳи навъҳои Осиёи миёна |
| | **НАВЪҲОИ ГЕЛОС** | |
| 24 | Драгонаи зард | Наполеони гулобӣ, Ҷойдории зарди гулобӣ. Дигар навъҳои гелос худгардолудкунандаанд |
| 25 | Шафтолу | Ҳамаи навъҳои шафтолу худгардолудкунан-даанд |
| | **НАВЪҲОИ ОЛУ** | |
| 26 | Венгеркаи Аҷанӣ | Анна Шпет, Венгеркаи Италявӣ |
| | **НАВЪҲОИ ХУРМО** | |

| | | |
|---|---|---|
| 27 | Хиакуме | Зенҷи Марӯ, Хурмои Кавказӣ |

**НАВЪҲОИ ТАВСИЯШУДАИ ДАРАХТОНИ МЕВАДИҲАНДА**

**Себ:** навъҳои тобистонӣ - Сарнахустини Самарқандӣ, Боровинкаи Тошкандӣ, Саратонӣ, Хосилдор, Графенштейни сурх; навъҳои тирамоҳӣ Голден делишес, Голден Грайм, Старкримсон, Кинг Девид, Голдспур, Ҷонаред, Апорти Алмаатоӣ, Пармени тиллоии зимистонӣ; навъҳои зимистонӣ - Ренет Смиренко, Розмарини сафед, Делишес, Корей, Вайнсеб, Ҷонатан.

**Нок:** навъҳои тобистонӣ – Клаппаи азиз, Бере Жиффар, Июлӣ; навъҳои тирамоҳӣ - Нозанини ҷангалӣ, Вилямс, Бере лигел, Вилямси сурх; навъҳои зимистонӣ - Дилафрӯз, Ноки ғармӣ, Кюре, Оливье де Серр, Старкримсон, Чозифина.

**Биҳӣ:** Серҳосил, Самарқандии калонмева, Гибрид №3, Бухороии турш.

**Олу:** навъи пешпаз - Персиковая ; навъи миёнапаз - Венгеркаи Ажанӣ; навъҳои дерпаз - Анна шпет; Венгеркаи Италявӣ, Екатерина.

**Олуча:** Кӯксултон, Малиновая, Пионерка, Нозанини ҷанубӣ, Жемчу-жина, Комета.

**Олуболу:** Шпанкаи сиёҳ, Анадолская, Подбелская, Гриоти остгеймӣ, Любская -15, Тургеневка, Самарқандии калонмева.

**Гелос:** Ҷойдории гулобии зард, Драгонаи зард, Негритянка, Багратион, Дайбераи сиёҳ, Наполеони гулобии мевакалон.

**Шафтолу:** навъҳои пешпаз-Камберленд, Майфлевер, Сумбулӣ, Алек-сандри пешпазак, Лола; навъҳои миёнапаз - Анҷирии сурх, Чемпион, Малиновый, Серҳосил, Гулдор; навъҳои дерпаз Элберт, Фарҳод, Равғани гов, Сафедшафтолу.

**Зардолу:** Аҳрорӣ, Арзалӣ, Мирсанҷалӣ, Хурмоӣ, Руҳи ҷавонони сурх, Қандак, Бобоӣ, Субҳонӣ ва ғайра.

**Анор:** Бошқаланӣ (Қазоқи анор), Сурханор, Десертӣ, Туршдона, Сафед-дона, Шурободӣ,Қабодиёнӣ, Озарбойҷон.

**Хурмо:** Хиакуме, Зенҷи мару, Гошо гаки, Вахш, Ҳисор.

**Анҷир:** Вахш, Долматӣ, Грин-иская, Кадота, Анҷири зард, Анҷири сиёҳ.

**Бодом:** Дрейнк, Десертӣ, Ялтавӣ, Нониарел, Никитии дергулкунанда, Лангедок, Суғдӣ (эгамбердӣ).

**Чрмағз:** Идиал, қоғотак, Вистан, Ф-34, Файзобод, Ромитӣ, Ф- Тезҳосил ва ғайра.

**Унноб (Челон):** Ҳисор, Вахш, Та-ян-узао (калонмева), Финик ва ғайра

**Писта:** Орзу, Албина, марвориди кӯҳӣ, Сабоҳ ва навъҳои эронӣ.

**Лиму:** Мейёр, Вилла Франка, Юнонӣ.

**Афлесун:** Гамлин, Неополитанӣ, Вашингтон навел.

**Норанҷ (мандарин):** Климентин, Ковано-васе, Итолиявӣ

**Пекан:** Варрик, Мейдер, Позей, Буршингтон ва ғайра.

## ШИНОНИДАНИ НИҲОЛҲО ДАР БОҒ

Дар бисёр ноҳияҳои Тоҷикистон шинондани ниҳолҳо асосан дар фаслҳои тирамоҳ ва баҳор тавсия карда мешавад. Дар ноҳияҳое, ки баландии зиёда аз 1500 м аз сатҳи баҳр ҷойгиранд, ин кор дар фасли баҳор гузаронида мешавад.Таҷрибаҳои бисёрсола нишон медиҳад,ки мӯҳлати беҳтарини ниҳол дар боғ вобаста аз баландии ҷойгиршавии заминҳо аз сатҳи баҳр чунин аст: дар заминҳое, ки дар баландии то 1000 м ҷойгиранд тирамоҳу аввали баҳор; дар баландии аз 1000 то 1500 м ҷойгиранд – апрел; дар заминҳое, ки дар баландии зиёда аз 1500 м ҷойгиранд, ин корро дар баҳор гузаронида, то охири апрел анҷом додан зарур аст.

Бояд гуфт, ки дар шароити Тоҷикистон ниҳолҳои мевагиро дар фасли зимистон ҳам шинонидан мумкин, ба шарте, ки ҳарорати ҳаво манфӣ набошад ва замин тайёр бошад. Дар боғҳои навбунёди типи интенсивӣ, ниҳолҳо бояд ба талаботи стандарти давлатӣ ҷавоб диҳанд, яъне ғафсии танаи онҳо аз 1,5-2,0 см кам набояд бошаду баландии поя (штам) - 40-60 см ва даро-зии навдаҳо - 50-70 см -ро ташкил диҳанд.



Ҳар як ниҳоли стандартии мевадиҳанда 3-4 навдаҳои паҳлӯ доштанаш зарур аст. Ба ғайр аз ин онҳо 3 реша дошта дарозиашон бояд 30-35 см -ро ташкил диҳад. Босифат кандани чуқуриҳо ва шинонидани ниҳолҳо, сабзиш ва нашъунамои хуби онҳоро дар боғ таъмин менамояд.

Чуқуриҳо ба воситаи мошинҳои махсуси чуқуриканак КЯУ-100 ва ЯН-10 кофта мешаванд ва дар вақти шинонидани нихолҳо мошинаи ниҳолшинони МПС-1 – ро истифода мебаранд. Агар дар хоҷагиҳо ингуна механизмҳо набошад, кофтани чуқуриҳо ва шинонидани ниҳолҳо ба даст иҷро карда мешаванд. Чуқурчаҳо вобаста аз таркиби хок бояд то 50-80 см бар ва 60-70 см чукурӣ дошта бошанд.

Ҳангоми кофтани чуқурча хоки қабати болоии замин (ҳамчун ҳосилхез) ба як тарафи чуқурча ва қабати поёнаш ба тарафи дигари он гузошта шуда, дар вақти шинонидани ниҳол аввало бо хоки қабати боло решаи ниҳолро пушонида, пас бо хоки қабати поён чуқуриро пур кардан лозим. Пеш аз шинони-дани ниҳол ба ҳар як

чуқурӣ то 15-20 кг поруи сӯхта ва 200-250г суперфосфат андохта, бо хок омехта мекунанд.

Решаҳои ниҳол ба ширахок ғӯтонида, баъд ба чуқурии тайёр кардашуда шинонида мешавад. Тайёр кардани ширахок чунин аст: як қисм поруи нав ва як қисм хок дар чуқурии алоҳида бо воситаи об омехта карда мешаванд.



Ниҳолҳо бо иштироки ду шахс шинонида мешаванд. Дар вақти шинонидан як кас ниҳолро рост нигоҳ медорад ва шахси дуюм чуқурчаро бо хок пур карда, онро бо пойҳояш сахт мегардонад. Дар вақти шинонидани ниҳол диққат додан лозим аст, ки гарданаи реша бояд аз рӯи хок 1-2 см баланд бошад. Пас аз шинонидани ниҳолҳо, онҳоро бо об таъмин кардан ҳатмист. Агар манбаи об ҳоло муҳайё набошад, пас ба ҳар як ниҳоли шинонидашуда 10-15 л об рехтан шарт аст.

Агар тавсияҳои мазкур саривақт ва бо сифат иҷро карда шаванд, дар чунин боғҳои навбунёди интенсивӣ дарахтон қариб 100% месабзанд ва шаъунамои хуби онҳо таъмин мегардад.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

## ШАКЛДИҲӢ ВА БУРИДАНИ ДАРАХТОНИ ҶАВОН

Пас аз шинонидани ниҳолҳо онҳоро ба шакл даровардан ҳатмист. Чунки ниҳолҳое, ки ба шакл дароварда намешаванд, шоххҳои онҳо дар соли якуми ҳосилдиҳӣ мешикананд ва дар ин гуна боғҳо барои инкишофи ҳашароти зарарасон ва касалиҳо шароити хуб фароҳам мегардад. Барои ҳамин дар муддти 3-4 сол пас аз шинонидани дарахт, яъне то давраи ба ҳосил даромадани онҳо, навдаҳо кӯтоҳкарда шуда, шоххҳои модарии пурқувват сабзонидаю парвариш карда мешавад.

Шаклдиҳӣ ва дуруст буридани навдаҳои дарахтони ҷавон барои афзун гардонидани маҳсулнокии боғҳо ва таъмин кардани дарозумрии онҳо аҳамияти хеле калон доранд.

Дар соли якум охири моҳи май ва аввали июн нуқтаи сабзиши навдаҳои дарозро кӯтоҳ мекунанд, то ин ки навдаҳои паҳлӯгӣ бароянд. Ҳоло дар соҳаи мевапарварии ҷаҳон бештар аз 60 намуди шаклдиҳии дарахтон маълум аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан 4 намуд: шаклдиҳии зина ба зинаи қабатӣ, муқаррарии беқабат, палметтавӣ ва намуди косашакл паҳн гардиданд.

### Шаклдиҳии зина ба зинаи қабатдор



Ин системаи шаклдиҳӣ аз 3 қабати шоххҳои скелетӣ, шохи марказӣ, микдори зиёди навдаҳои нимскелетӣ ва навдаҳои сабзанда иборат мебошад. Барои тартиб додани ингуна шаклдиҳӣ баъд аз шинонидани ниҳолҳо дар баландии 40-60 см аз сатҳи замин поя (штам) мононда 3-4 навдаи паҳлугии модарӣ ва як навдаи марказӣ тартиб дода,зинаи якумро барпо мекунанд. Навдаи марказӣ нисбат ба навдаҳои паҳлугӣ 20-25 см дарозтар монда, бурида мешавад ҳамаи навдаҳои паҳлугиро бо дарозии якхела буридан лозим аст Солҳои 2-3-юми сабзиш ба ҳар як шохи модарии тартиби якум 1-2 шохи модарии тартиби дуюм ҷойгир карда мешаванд.

Дар зинаи дуюм низ 2-3 шохи модарӣ, тартиби якумро ҷудо менамоянд, ки дар онҳо яктогӣ шохи тартиби дуюм месабзонанд. Агар лозим бошад, зинаи сеюм аз

шохҳои нимскелетӣ тартиб дода мешавад. Масофаи байни зинаҳо вобаста аз навъ ва такпайвандҳо 50-80 см-ро ташкил медиҳад.

Дар соли 5-6 –уми сабзиши дарахтон шохи марказиро дар баландии 3-4 м бурида ,ба шохи паҳлуги табдил медиҳанд Ин усул барои шакл-диҳии аксари дарахтони тухмдор, донакдор (ғайр аз шафтолу )истифода бурда мешавад. Дар ҳар як дарахти ба шакл даровардашуда, ҳамагӣ 7-11 шохҳои модарӣ тартиб дода мешаванд.

### Шаклдиҳии муқаррарии беқабат




Фарқияти ингуна шаклдиҳӣ нисбат ба усули зина ба зинаи қабатдор дар он аст, ки шохҳои модарии дарахтон бе зина сабзонида мешаванд. Чунин шакли дарахтон аз як шохи марказӣ ва 5-8 навдаҳои паҳлугии модарӣ, ки бо кунҷи паҳн месабзанд, мебошанд. Шохҳои модарӣ дар танаи дарахтҳо яктогӣ ҷудо-ҷудо ҷойгир карда мешаванд. Масофаи байни шохҳои модарӣ 20-40 см-ро ташкил медиҳад. Шохҳои модарии тартиби дуюм ҳамчунин бо тарзи шаклдиҳии зина ба зина сабзонида мешаванд. Пас аз ба охир расидани шаклдиҳи бо ин усул,баландии дарахт аз 3,0-5,0 м бояд зиёд набошад. Бо ин усул асосан себ, нок, биҳӣ, гелос, зардолу ва дигар дарахтони мевадиҳанда шакл дода мешаванд.

### Шаклдиҳӣ бо усули палметтавӣ



Боғи палметтавӣ асосан аз ниҳолҳое, ки такпайвандҳои қадпаст ва миёнақад доранд, бунёд карда мешавад. Афзалияти ингуна боғҳо аз он иборат аст, ки ба туфайли зиёд шинондани миқдори ниҳолҳо дар як гектар ҳосили фаровон ба даст оварда мешавад. Азбаски, барои барпо кардани боғҳои палметтавӣ хароҷоти зиёд лозим аст, ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ингуна боғҳо ниҳоят майдонҳои камро ишғол мекунанд.

Барои ба шаклдаровардани боғи палметтавӣ аз ду тарафи танаи дарахт яктогӣ шохҳои модарии мутаносиб бо самти хати қатори ниҳолҳои шинонидашуда ҷойгир

карда мешаванд. Дарахтҳои бо усули палметтавӣ ба шакл даровардa шуда,бояд аз 3-4 зина иборат бошанд. Масофаи байни зинаҳо барои дарахтҳои қадпаст 50-60 см ва барои дарахтҳои миёнақад 70-90 см-ро ташкил мекунад. Ҳамагӣ 6-8 шохҳои модарӣ ва дар онҳо навдаҳои ҳосилдиҳанда сабзонида мешаванд. Дар соли 5-6-ум баландии дарахтҳо дар такпайвандҳои қадпаст аз 2,5-3 м ва дар такпайвандҳои тухмдор (хусусан дарахти себ) шакл дода мешаванд.

**Шаклдиҳӣ бо усули косашакл**



Ин усул яке аз навъҳои беҳтарини шаклдиҳӣ барои дарахтони шаф-толу мебошад. Баъд аз шинонидани ниҳолҳо 3-4 навдаи модариро мононда, навдаи марказӣ ва дигар навдаҳоро бури-дан лозим аст. Масофаи байни шохҳои модарӣ, 10-15см-ро бояд ташкил диҳад. Баландии поя вобаста аз қувваи инкишофи дарахт буда, ба 40-60 см мерасад. Соли дуюм-сеюми сабзиш дар ҳар як шохи модарӣ 2-3 шохи скелетии тартиби дуюмро парвариш карда, дар навбати худ дар онҳо шохчаҳои муваққатии нимскелетии тартиби сеюмро месабзонанд. Дар ҳамаи шоху шохчаҳои тартиби гуногун узвҳои ҳосилдиҳанда пайдо мегарданд. Ҳангоми парвариш бо ин усул дохили суроби дарахтон доимо кушода мебошад.

Буриши дарахтони мева ба рушду инкишоф, самароварӣ, сифати мева таъсири мусоид мерасонад. Баробари ба охир расидани шаклдарории (піростани) дарахтон, ба мақсади бештар сабзидани навдаҳои ғӯли онро мебуранд. Буриши дарахтон асосан 4-хел мешавад.

1. Буриши шаклдарорӣ
2. Буриши навдаҳои зич ё ки ғӯли
3. Буриши санитарӣ (тоза намудани навдаҳои касал, шикаста, хунукзада ва ғайра)
4. Калакзанӣ (буриши навдаҳо бо мақсади ҷавонкуни дарахт)

Шохҳои дарахтро танҳо бо асбобҳои махсуси дастии тез, ки шохҳо зарар набинад ва ҷои буриши зуд барқарор мешавад, мубуранд.

## НИГОҲУБИНИ ЗАМИНИ БОҒҲО

Системаи нигоҳубини замини боғҳои ҷавони интенсивӣ асосан ба он равона карда мешавад, ки ҳосилхезии хок нигоҳ дошта шуда, афзун гардад, инчунин вайро аз шусташавӣ нигоҳ дорад ва барои пурра гузаронидани коркаби байни қаторҳо бо воситаи мошинҳо ва агрегатҳо монеъгӣ набошад.

Коркарди байни қаторҳои боғҳои навбунёд дар чуқурии 30-40 см гузаронида шавад. Дар байни қаторҳои боғҳои интенсивии ҷавони обёришавандаи типи саноатӣ то пурра ба ҳосил даромадани дарахтон якчанд сол зироатҳои зерин коштан мумкин аст: пахта, нахӯд, мош, алафҳои яксола, каду, тарбуз, харбуза, шоҳтути заминӣ, помидор, карам, лаблабу, картошка.

Дар замини байни қаторҳо растаниҳои баландпоя: офтобпараст, ҷуворимакка, тамоку ва ғалладона коштан мумкин нест. Гирду атрофи бехи ниҳолҳоро нарм карда, аз алафҳои бегона ва воситаи олотҳои деҳқонӣ тоза кардан лозим аст. Дар вақти иҷрои корҳои агротехникӣ барои ба замин хам шудани танаю шоххҳои дарахтон бояд роҳ дода нашавад.

## ҒИЗОДИҲИИ БОҒҲО

Дарахтони мевадиҳанда умуман ба дараҷаи ғизонокии хок серталабанд, дар шароити ба таври интенсивӣ парвариш ёфтанашон ин талабот дучанд зиёд мешавад. Зеро дар боғҳои интенсивӣ, ки дар заминҳои обёришаванда бунёд мегарданд, ҳосили фаровон рӯёнида мешавад, ки ин боиси сарфи зиёди ғизо мегардад.

Системаи ғизодиҳии боғҳо аз он иборат аст, ки пеш аз шинонидани ниҳолҳо ба ҳар чуқурча 10-15 кг пору ва 0,2-0,3 кг нурии фосфорӣ андохтан зарур аст. Дарахтони ҷавон бояд дар давоми сол сабзиши хуб дошта бошанд, яъне навдаҳои онҳо то 45-60 см сабзанд, ки ин давраи ба ҳосил даромадани дарахтонро метезонад.

Агар дар боғҳои ҷавон дарахтон ин гуна сабзиш надошта бошанд, лозим меояд, ки дар моҳи июн ба бехи ҳар як дарахт 100-200 г нуриҳои нитрогенӣ (моддаи таъсиркунанда), то 10 кг пору ва 300-400 г супер-фосфат андохта, хоки он нарм карда шавад.

Нуриҳои органикӣ ва инчунин фосфорию калийдор асосан тирамоҳу аввали баҳор ва нуриҳои нитрогендор бошад, дар давраи сабзиш (май- июн) истифода мешавад. Нуриҳои органикӣ ва инчунин фосфорию калийдор асосан тирамоҳу аввали баҳор ва нуриҳои нитрогендор бошад, дар давраи сабзиш (май-июн) истифода мешавад.

Дар боғҳои ҷавони интенсивие, ки пеш аз шудгори плантажӣ нуриҳои маъданӣ истифода нашуда буданд, бо чунин меъёрҳо (аз рӯи моддаҳои таъсиркунанда): нуриҳои нитрогенӣ 100-120 кг, фосфрдор 90-100 кг ва калийдор 50-60 кг ва як гектар бояд истифода бурда шаванд. Нуриҳои фосфордор ва калийдорро асосан дар 3 – 4 сол як маротиба бо меъёри баланд ва нуриҳои нитрогендорро бошад, ҳар сол истифода бурдан лозим аст.

## ОБЁРИИ БОҒҲО



Дар шароити Тоҷикистон обёрӣ яке аз омилҳои зарурии ба таври интенсивӣ парвариш намудани дарахтони мевадиҳанда мебошад. Вақт ва миқдори обмонӣ аз дараҷаи намнокии хок, ки дар навбати худ аз сохти физикии он, ҳарорати ҳаво, системаи нигоҳубини замин вобаста аст, муайян карда мешавад. Дар боғҳои ҷавон дар давраи нашъунамои дарахтон 4-8 маротиба бо меъёри 600-700 $м^3$/га об додан лозим аст. Дар заминҳои санглох шумораи обмонӣ то 12 - 14 маротиба расонида шуда, меъёраш то 450 - 500 $м^3$ кам карда мешавад.

Мӯҳлати обёрии боғҳои ҷавон дар шароити Тоҷикистон чунинанд: обёрии якум - моҳи май, дуюм - моҳи июн, сеюм- июл, чорум- охири июл ва аввали август, панҷум - охири август ва аввали сентябр. Иҷрои дурусти ҳамаи ин талаботҳои агротехнологӣ имконият медиҳад, ки дарахтон тез ба ҳосил дароянд ва дар муддати кӯтоҳ ба хоҷагиҳо самараи иқтисодӣ диҳанд.

## НИҲОЛПАРВАРӢ

Боғу токпарварӣ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии ҷумҳурӣ буда, дар таъмини амнияти озуқаворииi мамлакат ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум дар байни дигар соҳаҳои кишоварзӣ, ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Аз ин рӯ бунёди боғу токзорҳоро бе рушди соҳаи ниҳолпарварӣ тасаввур кардан мумкин нест. Чунки ниҳолҳои солим ва хушсифат асосиояндаи боғдорист. Бинобар ҳамин ниҳолпарваронро зарур меояд, ки ҳар чи бештар ниҳолҳои баландсифати навъҳои ба талаботи бозори дохилию беруна ҷавобгӯйро парвариш карда ба боғу токпарварон пешниход намоянд.

Ниҳолҳоро дар ниҳолхонаҳои махсусгардонидашуда парвариш мекунанд. Вазифаи асосии ниҳолхонаҳо ин парвариши ниҳолҳои баландсифат барои бунёди

боғҳо мебошад. Пеш аз ҳама ниҳол бояд аз ҷиҳати навъ, тагпайванд тозаи якхела ва аз ҳашаротҳою касалиҳои карантинӣ озод бошад. Раванди парвариши ниҳолҳо мураккаб, заҳматталаб буда, барои парвариши ниҳолҳои ҷавон муҳаё намудани шароити мусоид зарур аст. Инчунин мутахассисони баландихтисос ва коргарони малакаи баланди кордонӣ доштаро талаб мекунад. Давраи парвариши ниҳолҳо 2- 4 солро дар бар мегирад.

Ташкили ниҳолхона дар асоси нишондодҳои илмӣ аз чунин зинаҳо сар мешавад. Интихоби замин, ҷамъ кардани тухмӣ, таёр кардани замин, кишт намудани тухмӣ, парвариши ниҳолҳои (тагпайванд) хасак, пайвандкунӣ, парвариши ниҳолҳои пайвандӣ, ҳифзи онҳо аз касалию ҳашарот ва ғайра.

**Интихоби замин**: Барои ташкил намудани ниҳолхона қитъаи замини беҳтарин, возеҳияш ҳамвори нишебии 3-5$^0$ дошта, беҳтараш ҷониби шимол ё ғарб ҷойгиршуда ва атрофаш кушоду ҳаворас ҷудо карда мешавад. Хоки замини ниҳолхона бояд қабати ғизоияш ғафс, серҳосил, структуранок, нарм, намбардор, ҳавою обгузар буда аз алафҳои бегона (саломалейкум, ғумай, талхак) ва ҳашаротҳои зараррасон – симкирмҳо, гамбусакҳои саврӣ, гӯсоласарак ва нематодҳо тоза бошад. Барои таъмин намудани намӣ мавҷудияти манбаи об зарур аст.

**Сохти таркибии ниҳолхона**: Ниҳолхона вобаста аз ҳаҷмаш дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд на кам аз 5-6 қитъа, роҳи мошингард, каналу ҷӯйҳо барои обёрӣ, майдончаи муввақатан нигоҳдории ниҳолҳо, майдончаи фумигатсионӣ, хатти дарахтони сабзи муҳофизатӣ, боғҳои модарӣ (барои тухмию қаламча) дошта бошад.

Вобаста аз ҳаҷми истеҳсолиаш ниҳолхона ба қитъаҳои зерин: майдонҳои кишти тухмӣ, пайвандкунӣ, ниҳолҳои навпайванди яксола, пайвандии дусола, қитъаи киштгардон, боғҳои модарӣ барои истеҳсоли тухмӣ ва қаламча ҷудо карда мешавад.

Қиштгардон яке аз омилҳои кам гардонидани касалию ҳашаротҳои зараррасон ва таъмин намудани ғизонокии замин мебошад. Барои киштгардон чун зироати пешкишт растаниҳои сабзавотӣ, лӯбиёгиҳо ва ҳамчун нурии сабз - намудҳои гуногуни нахӯд, мушунг, хардали сафед, аз хӯшадорон ҷав, ҷавдор тавсия дода мешавад. Ҳангоми кишти тухми дарахтони донакдор истифодаи растаниҳои ба касалии пажмурдашавӣ таъсирпазир - помидор, картошка, қаламфур, бойимҷон, тамоку барои киштгардон тавсия карда намешаванд.

### Парвариши ниҳолҳои хасак (тагпайвандҳо)

**Ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва тайёр намудани тухмӣ барои кишт**: Сабзиши тухм, қадкашии ниҳолҳои хасак ва пайвандшуда аз сифати тухмӣ вобаста мебошад. Бинобар ҳамин ҳангоми тайёр намудани тухмӣ ба талаботҳои зерин риоя кардан

зарур аст. Мева барои истеҳсоли тухмӣ аз боғҳои модарӣ дар ҷангал ва боғҳои саноатӣ аз дарахтони апробатсияшуда ҷамъ карда мешавад. Он бояд нағз инкишоф ёфта, калон ё миёна ва меваи аксарияти намудҳо пурра пухтагӣ бошад. Аммо меваи як қатор намудҳоро - малҳам, олуболу, олуча ва олуро нимпухта, дар давраи нав ранггардониашон ҷамъ кардан беҳтар аст. Чунки тухмии дар чунин ҳолат тайёрнамудаи ин намудҳо хубтар месабзанд.

**Тайёр кардани замин ва кишти тухмӣ**: майдони барои кишти тухмӣ ҷудокардашударо пешакӣ шудгор мекунанд. Шудгори асосиро дар чуқурии 30-40 см гузаронида бо воситаи мола ҳамвор менамоянд. Пеш аз шудгор ба ҳар гектар замин 15-20 т пору ё моддаҳои пӯсида ва 90-120 кг нуриҳои фосфордору калийдор аз ҳисоби моддаи таъсиркунанда мепошанд.

Тухмиро тирамоҳ ё аввали баҳор кишт мекунанд. Барои дар баҳор коридани тухмӣ онро тирамоҳ дар ҷои алоҳида зери қум ё рег мехобонанд. Тухмии олуболу, гелос, малҳам ва олучаро барвақттар, охирҳои моҳи август ва аввалҳои сентябр зери қум хобондан лозим аст. Ҳангоми тирамоҳ кишт кардан ҳатман пас аз коридан заминро об мемонанд.

Тухмиро бо усулҳои гуногун кишт мекунанд. Дар истеҳсолот бештар кишти яккатора ва тасмагӣ–дуқатораро истифода мебаранд. Ҳангоми як қатора кишт намудан, байни ҷӯякҳоро 45-70 см интихоб намуда тухмиро дастӣ ё бо тухмипошак мекоранд. Дар мавриди бо тарзи тасмагӣ кишт намудан, байни тасмаҳоро 45-70 см ва байни қаторҳо 18-20 см интихоб карда мешавад. Тухмиро дар қатор яклухт ё тоқа-тоқа дар масофаи 15-18 см 3-5донагӣ мекоранд.

Чуқурии кишт вобаста аз андозаи тухм барои тухмдорон (себ, нок, биҳӣ) 3-4 см, донакдорони майда (олуболу, гелос, малҳам, олуча) 4-5 см ва донакдорони калондонак (зардолу, шафтолу), инчунин бодому чор-мағз 5- 8 см тавсия карда мешавад.

Тирамоҳ дар мавриди дар хокҳои сабук кишт кардан, тухмиро чуқуртар зери хок кардан лозим аст. Меъёри сарфи тухмӣ ва муддати зери қумхобонӣ ё давраи ба сабзиш тайёр шудан (зимистонро аз сар гузаронидан) дар ҷадвалӣ 4 нишон дода шудааст.

www.aist.tj

Ҷадвали 4

***Ҳосилнокӣ, муддати ба сабзиш тайёр шудан ва меъёри тухмӣ барои кишт***

| Тагпайванд | ҳосилнокии тухм аз вазни мева % | Миқдори тухм дар 1кг, ҳазор дона | Муддати ба сабзиш тайёр шудан, рӯз | Меъёри кишти тухмӣ дар майдони тагпайвандҳо кг, гектар |
|---|---|---|---|---|
| **СЕБ** | | | | |
| навъҳои ба шароити маҳал мутобиқ карда. | 0,1-0,6 | 18-40 | 120-130 | 30-40 |
| Ҷангал | 0,4-1 | 30-50 | 120-130 | 30-40 |
| Сибир | 2,5-5 | 150-12, | 60-70 | 10-15 |
| **НОК** | | | | |
| Ҷангалӣ | 0,6-1 | 29-42 | 120-130 | 30-40 |
| Уссури | 1,0-1,2 | 20-25 | 90-100 | 20-25 |
| Олуболу | 5-11 | 3-7 | 150-180 | 250-300 |
| Малҳам | 10-12 | 10-15 | 130-150 | 150-200 |
| Гелос (маҳаллӣ) | 8-11 | 4-7 | 150-180 | 250-300 |
| Олу(навъҳои ноҳия-бандишуда) | 5-10 | 1,2-1,5 | 150-180 | 500-600 |
| Уссури | 9-10 | 1,4-1,7 | 150-180 | 200-250 |
| Олуча | 8-10 | 1,5-2,5 | 120-150 | 400-500 |
| Зардолу | 12-15 | 0,8-0,9 | 80-100 | 600-800 |
| Шафтолу | 3-6 | 0,25-0,35 | 100-120 | 3000-3500 |
| Бодом | 6 – 5 | 0,25-0,30 | 20-40 | 400-500 |
| Чормағз | - | 0,07 – 0,125 | 30-60 | 300-3500 |
| Хурмо | - | 7 - 8 | 30-60 | 160 |

***Эзоҳ.*** Дар мавриди бе кучаткунӣ парвариш намудани ниҳолҳои хасак меъёри кишти тухмӣ 2 -3 маротиба кам карда мешавад.

**Нигоҳубини ниҳолҳои хасак (тагпайвандҳо):** Ҳангоми дар тирамоҳ кишт кардани тухмӣ, аввали баҳор барои таъмин намудани сабзиши он қитъаи

киштшударо сихмола мекунанд. Пас аз сабзидани ниҳолҳои хасак дар давраи тобистону аввали тирамоҳ 5-8 маротиба байни қаторҳо дар чуқурии 6-12 см нарм карда мешавад. Байни ниҳолҳо дар қатор дастӣ коркард карда мешавад. Агар ниҳолҳо барои дар оянда кӯчаткунӣ парвариш карда шаванд, онҳоро дар масофаи 5-6 см (тухмдорон) ва 3-4 см (донакдорон) тоқа мекунанд. Дар мавриди бе кӯчаткунӣ пайванд кардан, онҳоро дар масофаи 15-20 то 25-30 см ягона мекунанд, ки дар оянда аз 0,1 гектар 400- 450 бех ниҳол истеҳсол карда шавад.


А


Б

***Ниҳолхона:***

А - парвариши ниҳоли шафтолу дар як давраи нашъу намо,

Б - ниҳолҳои пайванди як сола.

**Зиёдкунии дарахтони мевадиҳанда ва ток:** Дарахтони мевадиҳанда бо ду усул зиёд карда мешавад. Насли аксарияти онҳоро ба воситаи тухм, ки ин роҳи аз ҳама осон ва дастрас мебошад, зиёд мекунанд. Аз баски аксарияти дарахтони мевадиҳанда маҳсули дурагакуниaнд дар мавриди аз тухм сабзонидан хосиятҳои хоҷагию биологиашонро таъғйир медиҳанд. Бинобар ҳамин онҳоро бо роҳи нашвӣ зиёд мекунанд.

Дар ҳолати бо роҳи нашвӣ парвариш намудани ниҳол он аз ҷиҳати генетикӣ бо дарахти модарӣ монандӣ дошта, ҳамаи хусусиятҳои онро дар худ такрор мекунад. Дар ниҳолпарварӣ ду усули бо роҳи нашвӣ афзоишдиҳӣ– қаламчакунӣ ва пайвандро васеъ истифода мебаранд. Бо қаламча як қатор намудҳоро: анор, анҷир, қорт, санҷид, ангат, ток ва баъзе навъ-ҳои себ, нок, шафтолу ва ғайраро бо усулҳои гуногун зиёд мекунанд.

## Пайвандкунӣ

Дар истеҳсолот бештар барои истеҳсоли ниҳолҳо усулҳои пайвандро истифода мебаранд. Чунки бофтаҳои танаи растаниҳои дупаллагӣ аз ҷиҳати ботаникӣ бо ҳам наздиканд ва бо туфайли фаъолияти камбия (пардаи байни тана ва пӯст) қобилияти бо якдигар сабзидан доранд. Пайванд ҳамчун усули афзоиш аз замонҳои қадим маълум аст. То имрӯз зиёда аз 150 намудҳои гуногуни он истифода шудааст, ки

онҳоро ба 3 гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: муғҷапайванд, пайванд бо қаламча ва ҷуфтпайванд.

Барои пайвандкунӣ кордчаҳои махсусро истифода мебаранд.



**Кордчаҳои пайвандкунӣ:** 1- кордчаи муқарарии пайвандкунӣ бо думчаи пластмассӣ, 2 - пайвандкунӣ, 3 - кордчаи дутеға (муштарак), 4 - кордчаи пайвандкунии нугаш уттидор конструксияи И.Х.Қ. Харков. Муғчапайванд аз ҳама намуди оддӣ ва сермаҳсули пайвандкунӣ ба ҳисоб меравад. Дар истеҳсолот ду намуди он–муғҷапайванди таги пӯст дар бурриши Т- шакл ва муғҷачаспонӣ васеъ истифода мешаванд.
Найчапайвандро шахсони алоҳида бо миқдори кам истифода меборанд.

**Усулҳои муғҷапайванд:** А - дар буриши Т- шақл, 1. буриши Т-шақл дар тагпайванд, 2. сипармуғҷаи пайванддуст бо як муғҷа, 3. гузоштани сипармуғҷа дар буриши Т-шақл ; Б- муғҷачаспони: 1. буриши ҳамвор дар тагпайванд, 2. сипармуғҷаи пайванддуст, 3. часпондани сипармуғҷа дар тагпайванд; В - найчапайванд: 1. дар шақли ҳалка бурида гирифтани пусти танаи тагпайванд, 2. дар шақли найча бурида ҷудо кардани пӯсти пайвандӯст бо як муғҷа, 3. часпондани найчаи пайвандӯст дар таг-пайванд.

Муғчапайванди дар буриши Т- шаклро бо чунин тарз мегузаронанд. Аввал аз гарданаи реша 3-5 см болотар пӯсти тагпайвандро бо кӯндалангӣ бурида сипас бо дарозӣ аз поён то бур-риши кундалангӣ низ онҳоро мебуранд.





Ва дар назди бурриши кундалангӣ нӯги кордчаро каме ба ду тарафт барои ҷудошавии пӯст аз тана тоб медиҳанд. Агар пӯст нағз ҷудо нашавад, дуюмбора бо воситаи нӯги пластмасии қафои кордча онро ковок мекунанд. Баъд аз қаламчаи пайванддӯст муғҷасипарро (мӯғҷаи бо пӯсти атрофаш бо дарозии 2-3 см, бараш 7-8 мм якҷоя бо пардаи камбия ва қабати тунуки чӯб бурида гирифта шудааст, ки он шакли росткунҷаи қисми болою поёнаш нимдаврашакл дошта) бурида мегиранд. Баъд муғҷасипарро аз боло дар

буриши Т- шакл гузошта, ба поён то дар бурриш ҷой гирифтанаш зер мекунанд.

Агар он дарозтар бошад аз қисми боло онро бо таври кӯндаланг буридан лозим аст. Пас аз ҷойгиркунии муғҷасипар онро бо тасмачаи полиэтиленӣ печонда мебанданд. Дар ҳолати калон будани муғчаҳо (нок, гелос, ва ғайра) худи муғчаро кушода монда атрофашро пурра печонида маҳкам мекунанд. Ин усул дар он маврид гузаронида мешавад, ки тагпайванд сероб бошад ва пӯсташ нағз ҷудо шавад (аз 15-20 апрел то 15-20 сентябр).



Муғҷапайванд дар буриши Т-шакл:
А -1,2,3 тарзи буридани буриши Т-шакл дар тагпайванд, Б - 1,2- бурида ҷудокардани сипармуғча, В - 1,2,3,4- гузоштани сипармуғҷаи пайвандуст дар тагпайванд, Г - фишурда ҷафс намудани сипар- муғча ба танаи такпайванд, Д- 1,2,3- бо тасмаи полиэтилени печонда бастани ҷойи пайванд. Рақамҳо пайдар ҳамии иҷрои корро нишон медиҳанд.

Шакли дигари мӯғҷапайванд муғчачаспонӣ (в приклад) мебошад. Афзалияти ин нисбати пайванди Т- шакл дар он аст.ки баҳор ва тобистон ин намуди пайвандро чанд рӯз пеш аз давраи обдавонии тагпайванд гузаронидан мумкин аст. Ин намуди пайвандро бо чунин тарз иҷро мекунанд. Аввал дар қисми поёнии тагпайванд пӯстро то чӯби тана бо таври кӯндаланг мебурранд. Пас 2-3 см аз ҷои бурридашуда болотар аз боло ба поён пӯстро бо қабати тунуки чӯб аз тана тарошида ҷудо карда мегиранд. Баъд муғчасипари пайванддӯстро ба он ҷой мегузаронанд.

Дар вақти пайвастани қисматҳо пайванддӯсту тагпайванд бояд пӯст бо пӯст мувофиқ ояд.



**Муғҷачаспонӣ:** А-бурида ҷудо кардани сипармуғҷа,Б -тайёр намудани тагпайванд (1-3) ва пайвасткунии сипар-муғҷа дар тагпайванд(4). Агар тагпай-ванд нисбати муғҷасипар калон бошад, он гоҳ муғчасипарро аз як тараф ба таг-пайванд мувофиқ мекунанд. Баъд бо тасмачаи полиэтиленӣ печонида мебан-данд. Афзалияти ин усул боз дар он аст, ки муғҷасипарро кӯтоҳ гирифтан мумкин аст. Дар ин намуди пайванд ҳеҷ гоҳ муғҷасипарро бофтаҳои тагпайванд сабзида пахш намекунанд самаранокиаш 20-25% зиёд аст.

Пайванд бо қаламча: ин намуди пайванд нисбати мӯғчапайванд тарафҳои гуногуни истифодабарӣ дорад. Пайванддӯст қаламчаи яксолаи начандон дароз бо 2-3 мӯғча мебошад. Дар ниҳолхона барои парвариши ниҳолҳо бо усули пайванди зимистона, майдони ниҳолхона барои аз нав пайвандкунии тагпайвандҳои пайвандашон хушкшуда, дар боғҳо барои аз нав пайванд кардани дарахтони сину солашон гуногун ва ба талабот мувофиқ набуда, табобати поя ва навдаҳои тартиби якумӣ осебдидаи дарахтон истифода бурда мешавад. Аз усулҳои гуногуни ин гурӯҳи пайванд 10-15 тоаш дар боғдорӣ аҳамияти амалӣ доранд. Бештар усулҳои зерин: забонча, забончаи беҳтар кардашуда, таги пӯст бо қаламча, бурриши паҳлуӣ, кундапайванд, кундапайванди таги пӯстро истифода мебаранд.



**Усулҳои асоси пайванд бо каламча:** А- забонча, Б- часпондани каламча ба тана, В - пайванди паҳлугӣ, Г- дар буриши паҳлугӣ (1. тайёр намудани тагпайванд, 2. тайёр намудани каламчаи пайванддӯст), 3. пайваст намудани пайванддӯст бо тагпайванд, 4. бо тасмаи полиэтилинӣ печонда бастани ҷои пайванд.

**Пайванди тағи пӯст бо қаламча:** А-тайёр намудани каламчаи пайванддӯст (1. намудаш аз пеш, 2. намудаш аз паҳлу); Б-пайвандкуни (1. таёр намудани тагпайванд, 2. пайвасткунии каламчаи пайванддӯст дар тагпайванд, 3. бо тасми полиэтиленӣ печондани ҷои пайванд ва молидани ҳамираи боғи).

**Кундапайванд:** А-таёр намудани тагпайванд, Б-таёр намудани қаламаи пайванддӯст (1. намудаш аз паҳлӯ, 2. аз пеш), В- ҷоигиркунии пайванддӯст дар тагпайванд, Г- бо тасмаи полиэтилинӣ печонда бастан ва молидани хамираи боғӣ ба ҷои пайванд, Д- намуд аз боло (1. тарзи дуруст гузоштани каламчаи пайванддӯст дар ҷои кафондашуда, 2-3. усулҳои гуногуни кафондани кунда, 4. нимчок кардашуда).



Таҷрибаи боғдорӣ нишон медиҳад, ки на ҳамаи навъҳо ба баъзе тагпайвандҳо мувофиқат мекунад. Дар мавриди номувофиқоии пайванддӯст бо тагпайванд пай-ванд намегерад агар гирад ҳам, дар боғ аз ҷойи пайванд баъди чанд сол кафида меафтад. Ниҳол нағз ҳосил надода тез хушк мешавад. Дар чунин ҳолат пайванди мобайниро истифода мебаранд. Аввал ба тагпайванд навъи мувофиқро пайванд карда месабзонанд. Баъд дар баландии 18-20 см пайванддӯсти ба тагпайванд номувофиқро пайванд мекунанд. Чунин тарзи

пайванд барои бунёди боғҳои миёнақаду қадпаст дар заминҳои лалмӣ ва шартан обёришаванда мувофиқ аст. Дар тагпайванди аз тухмӣ сабзонидашуда аввал тагпайванди қадпасти нашвиро пайванд кардан лозим аст.

Минбаъд дар баландии 18-20 см дар он пайванддӯстро пайванд мекунанд. Дар ин ҷо вазифаи тагпайванди аз тухм рӯёнида бо воситаи решаи хуб инкишофёфта дарахтро мустаҳкам нигоҳ доштан ва аз чуқурии гуногуни хок дастрас намудани намӣ аст. Вазифаи тагпайванди мобайнӣ бошад ин паст кардани қади пайванддӯст ва тез ба ҳосилдароии он мебошад.

## Нигоҳубини ниҳолҳои пайвандӣ

Агар пайванд дар баҳор ва аввали тобистон гузаронида шуда бошад, пас аз 15-20 рӯзи пайвандкунӣ ниҳолҳоро аз назар гузаронида тагпайвандҳои пайвандашон часпидаро 0,5-1см болотар аз пайванд буррида мепартоянд. Тагпайвандҳои пайвандашон хушкшударо аз дигар бо ҳамон навъ пайванд мекунанд. Ҳангоми дар моҳҳои июл-сентябр пайванд кардан, бурридани қисми болои тагпайвандҳоро то баҳори соли оянда мавқуф мегузоранд. Лекин пайвандҳое, ки то 10- рӯзаи 1-уми август гузаронида шудааст, баъди 15-20 рӯзи пайвандкунӣ аз назар гузаронида, тасмаҳои полиэтилении печонидашударо буррида суст мекунанд то ки бо ғафсшавии танаи тагпайванд онро набуррад. Инчунин тагпайвандҳои пайвандашон хушкшударо аз нав пайванд мекунанд.

Дар баҳор то саршавии обдавонии тагпайвандҳо тасмаҳои полиэтилении печонидашуда ва қисми болоии тагпайвандро 0,5-1см болотар аз пайванд бурида мегиранд. Агар аз таъсири шамол хавфи шикастани пай-ванди сабзида бошад, он гоҳ барои дар оянда бастани пайванд қисми болоии тагпайвандро аз пайванд 2-3 см болотар мебуранд. Барои таъмини сабзиши пайвандҳо бо зарурият сари вақт муғчаҳои аз тагпайванд сабзидаро бо нӯги кордча ё ангушт канда мепартоянд. Пас аз 60-70 см қадкашидани ниҳолҳои пайвандӣ барои сабзидани навдаҳои паҳлӯӣ нӯги онҳоро канда (чеканка) мепартоянд.

Гузаронидани дигар чорабиниҳои агротехникӣ, монанди коркарди байни қаторҳо, тозакунии алафҳои бегона, додани обу ғизои иловагӣ ба мисли қитъаи ниҳолҳои хасак ичро карда мешавад.

www.aist.tj

## ТАВСИЯ ОИД БА БОҒҲОИ ЛАЛМӢ

**Интихоби замин:** Ҳангоми интихоби қитъаи замин ба масъалаҳои зерин эътибор додан ҳатмист: релефи маҳал, тарафи доманрӯи таъмини рӯшноӣ ва нишебӣ, шароити иқлими маҳал - сармои зимистон, сардиҳои баҳорӣ, самти вазиши шамол, таркиби хок ва ғайраҳо.

Релефи маҳал ба тақсимоти унсурҳои метеорологӣ таъсири муайян расонда, барои қитъаҳои алоҳида шароити мусоидат микроиқлимиро фароҳам оварда метавонад. Масалан: дар ду теппаи масоҳату нишебиашон якхелаю аммо ҷой-гиршавиашон гуногун–ҷанубу шимол, шароити бунёди боғзор гуногун буда метавонад. Аз ҷиҳати гармӣ ва намнокӣ дар қисмати шимол шароит мусоид аст. Дар қисмати ҷанубӣ бошад, гармӣ барзиёд буда, аз сабаби аз ҳад зиёд хушк будани таркиби хок намнокӣ намерасад. Паст будани релеф боиси ғуншавии ҳавои хунук гашта, дар натиҷа муғҷаҳо ва гулҳои ҳосилдори дарахтон зиён мебинанд ва баръакс, дар теппаю баландиҳо муғҷаҳои ҳосилдор осеб намеёбанд.

Дар шароити наздикӯҳӣ ва кӯҳсор бароиривоҷи боғдории лалмӣ аз ҳама беҳтар талу теппаҳоянд, ки нишебиашон аз 3- 5° то 10-12°-ро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, ҳангоми азхудкунии талу теппаҳо барои шинондану парвариши дарахтони бисёрсола қисмати шимолии теппа ҳоро бояд интихоб намуд, баъд аз он метавон дар қисмати шимолу ғарб ба парвариши ниҳолҳо шуруъ намуд.

Дар қитъаҳои замине, ки нишебиашон беш аз $12^0$ аст, бунёди зина-боғҳо тавсия дода мешавад. Дар қисмати ҷанубии талу теппаҳо дарахтони гармидӯстро, ба монанди анҷир ва анор парвариш кардан мумкин аст. Дар қисмати болоии теппаҳо бояд себ, бодом, олуболу. олуча барин дарахтони мевадиҳандаро ҳамчун дарахтони ба хунуки тобовар парвариш намудан лозим аст.

**Омода кардани замин:** Барои ниҳолшинонӣ дар заминҳои лалмӣ шарти асосӣ ин пешакӣ омода кардани замин мебошад, ки он аз тоза намудани замин аз ҳар гуна ҷисмҳо, предметҳо, канда партофтани хору буттаҳо, растаниҳои нодаркор, ҳамвор кардани замин, пошидани нуриҳои маъданӣ ва органикӣ, шудгори чуқур иборат мебошад.

Дар соҳаи боғдорӣ,хусусан дар заминҳои лалмӣ гузаронидани шудгори чуқур яке аз тадбирҳои ҳатмию асосии агротехникӣ ба ҳисоб меравад, ки он барои афзоиши

мӯътадили решаю патакрешаҳо ва қис-мати зерихокии дарахтон шароити мусоид фароҳам меорад ва харобшавии хокро пешгирӣ менамояд.

Шудгори плантажиро дар чуқурии 50-70 сантиметр тавассути плуги махсуси яккорпуса мегузаронанд. Пеш аз шудгори чуқур ба замин нуриҳои органикию маъданӣ мепошанд. Миқдори моддаҳои органикӣ во-баста ба дараҷаи ғизонокии хок 20-40 т/га ва зиёда аз онро бояд ташкил диҳад.

Моддаҳои маъданӣ ба андозаи зерин пошида мешаванд: фосфор 140-150 кг/га, калий 100-120 кг/га (моддаҳои таъсирбахш). Миқдори номбурдаи моддаҳои маъданиро ба воситаи мошинҳои маъданпошак ба сатҳи болои хок баробар пошида, сипас онро бо плуги тамғаи **ПП-50, ПП-50 П** шудгор монамоянд.

**Коркарди замини боғзор**: Яке аз масъалаҳои муҳимтарини боғдории лалмӣ ин коркарди саривақтӣ ва босифати замини боғ мебошад, ки он ба ғуншавии миқдори зиёди намӣ дар хок ва нигоҳдории он дар давраи нашв мусоидат менамояд,

Афзоишу ҳосилдиҳии дарахтзори бисёрсолаи заминҳои лалмӣ пеш аз ҳама аз ҳосилхезии хок вобастагӣ дорад, ки он ба мавҷудияти намии хок кафолат медиҳад. Мавҷудияти намии хок бошад, ба миқдори боришоти солона, вазъи экологӣ ва технологияи коркарди замин алоқаманд аст. Воситаи асосии коркарди замин ин муҳайё .кардани шароити мусоид ғуншавии намӣ аз ҳисоби боришоти табиӣ ва имкон надодан ба буғшавии намии қабати болоии хок мебошад.

Бо ин мақсад дар чуқурии 25-30 см гузаронидани шудгори байни қаторҳо зарур аст, ки ба ғуншавии намӣ дар қисми поёнии хок, ки он ҷо решаҳою патакрешаҳои дарахт рафта расидаанд, мусоидат менамояд. Авали баҳор замини байни қаторҳои боғ бо чизел чуқур нарм карда мешавад. Дар давраи нашъу намои дарахтон (аз фасли баҳор то тирамоҳ) хоки байни қаторҳо ва бехи танаи дарахтон бояд дар ҳолати нарм нигоҳ дошта, аз алафҳои бегона озод бошанд.

Барои ин вобаста аз ҳолати замин дар давраи нашв дар байни қаторҳо 2-3 маротиба бо ёрии сихмола-дискмола ё чизел култиватсия гузаронида, алафҳои бегонаи хоки таги дарахтонро побел кардан лозим аст. Барои кам намудани бухоршавии физикии аз рӯи замин, охири моҳи май ё даҳрӯзаи якуми моҳи июн хоки байни қатори дарахтонро мола кардан тавсия дода мешавад.

**Нуриандозӣ дар боғҳои лалмӣ: Ҳо**лати агрохимиявӣ ва таъминоти намнокии хокро ба ҳисоб гирифта, ба боғҳои ҷавон сол дар миён ба ҳар гектар 60 кг нитроген, 80 кг фосфор, 20 кг калий ва 20 т пору андохтан лозим аст. Меъёри нурӣ барои боғҳои хосилдеҳ б иқдори 30-40 т пору, 90-120 кг нитроген, 60-120 кг фосфор ва 45-60 кг калий дар 1 гектар лозим аст. Нуриҳои органикиро (пору) дар 3-4 сол як маротиба тирамох ё навбаҳорон якҷоя бо нуриҳои фосфорӣ ва калийдор дар хок чукур меандозанд.

Нуриҳои нитрогендорро баҳорон пеш аз гул кардани дарахтон андохтан лозим аст, ки ба зиёд гардидани ҳосили дарахтон мусоидат менамоянд. Андохтани нуриҳои азотӣ дар фасли тирамох тавсия дода намешавад, чунки онҳо зуд ҳал гардида, бар асари барфу боронҳои зимистону баҳор шуста мешаванд. Нуриро чунон бояд андохт, ки он ба минтақаи бештар паҳн гашгаи решаҳо афтад ва чуқурии он ба реша наздик бошад.  Аз ин ру, чуқурии андохтани нуриро мувофиқи чуқурии ҷойгиршавии анбӯҳи асосии решаи дарахтон муқаррар менамоянд.

Дар боғи чавон нурӣ дар гирди поя дастӣ андохта мешавад. Дарахтони ҷавон бо сабзиши сусти солонаашон ба андохтани нуриҳои органикиву минералӣ эхтиёҷ доранд. Аз ин ру, дар 3-4 соли аввали пас аз шинондани дарахтон аз рӯи ҳисоби  4-5кг ба  1м$^2$-ии  хок андохтани пору тавсия карда мешавад. Дар сурати кофӣ набудани пору дар  хоҷагӣ, нури-ҳои нитрогениро баҳорон аз рӯи ҳисоби ба ҳар бех 80-100 г моддаи  холис меандозанд. Нуриҳои фосфору калийдорро тирамоҳ аз рӯи ҳисоби ба ҳар бех 50-60 г фосфор, 20-30 г калий побел карда меандозанд. Дар боғҳои ҳосилдеҳ нуриҳо дар байни қаторҳои дарахтон андохта мешаванд. Нуриҳои органикиро бо мошинҳои нурипошак  **(ТУР 1)**  ба тамоми майдони байни қаторҳо пош  дода, баъд аз он ба чуқурии 25-30см шудгор мекунанд.

Нуриҳои минералӣ бо ёрии мошинҳои махсуси нуриандоз ба чуқу-рии 40-50 см дар минтақаи ҷойгиршавии анбӯҳи асосии системаи решавӣ андохта мешаванд. Агар хоҷагӣ чунин мошинҳои махсуси нуриандозӣ надошта бошад, он гоҳ метавон нуриро аввал пошида, баъд шудгор кард.

Агар хоҷагиҳои боғдрӣ бо нуриҳои органикӣ таъмин набошанд, дар боғҳо андохтани нуриҳои фосфору калийдор ба микдори  $\mathbf{P_{120}\,K_{60}}$ дар ду-се сол як маротиба тавсия дода мешавад, вале ба шарте, ки ҳар сол ҳатмӣ ба ҳар гектар нурии нитрогендор андохта шавад. Ин имкон медиҳад, ки ҳосилро кам накарда, нуриҳои минералӣ сарфакорона харҷ карда шаванд.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

## ТАВСИЯ ОИД БА ТОКПАРВАРӢ

### Бунёди токзор

**Интихоби замин ва ташкили ҳудудӣ токзор.** Ток растании бисёрсола буда, солҳои зиёд истифода мешавад (камаш 30-50 сол). Дорозумрӣ, маҳсулнокӣ ва самаранокии токзор ба он вобаста аст, ки мо чи тавр мавзеъҳоро барои бунёди токзор интихоб менамоем ва корҳои ташкилии бунёди токзорро ба роҳ мемонем.

Муҳимтарин меъёрҳо оиди интихоби замин ва бунёди токзори нав инҳо мебошанд:

1. **Ҳарорати фоидабахш** (яъне ҳарорати ҷамъо ҷамъи $10^0$C боло) дар давраи нашъунамо. Барои нашъунамо ва бо сифати баланд пухтани меваи ангур на камтар аз 2600-3000$^0$C ҳарорати фоидабахш лозим аст.

2.**Ҳарорати пасттарин** - дар муддати 10 сол чанд маротиба такрор мешавад. Муайян шудааст, ки дар ҳарорати - 17-18$^0$ C ток хокпӯш карда намешавад. Дар ҳарорати аз ин зиёд хокпушшаванда ҳисобида мешавад (барои навъҳои маҳалӣ). Дар вақти ҳали ин масъала, усули парвариши ток (хокпӯшшаванда ё худ озод) дараҷаи тобоварии навҳои ангурро ба хунукӣ ба инобат гирифтан лозим аст.

Навъҳои токи парваришёбанда аз рӯи дараҷаи тобовариашон ба ҳарорати паст ба гуруҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1.Дар гурӯҳи якӯм навъҳои ба харорати пастарини 23-25$^0$C тобовар дохил мешаванд: Рислинг, Совинон, Траминери гулобӣ, Тербаш, Ркатсители, Саперавӣ, Пинои сиёҳ, Каберне ва ғайра.

2.Дар гурӯҳи дуюм навъҳои ба ҳарорати пастарини 20 -22$^0$ тобовар дохил мешаванд: - Алиготе, Бастардо Магарачский, Жемчуг сабо, Пинои хокистаранг, Шаслаи сафед ва ғайра.

3. Дар гурӯҳҳи савум навъҳои ба ҳарорати пасттарини 17-20$^0$C тоб-овар дохил мешаванд:- Алеатико, Байн ширей, Мускати сафед, Мускати александри, Нимранг, Тойфии гулобӣ. Гузал қара, Ҷанҷол қара, Зариф, Пешпазаки ҳисорӣ, Соҳибӣ, Султонӣ, Ҳусайнӣ ва дигар навъҳои маҳалии Осиёи Марказӣ. Токпарварон вобаста ба шароит дар вақти бунёди токҳои нав ба интихоби навъи ангур бояд эътибори махсус диҳанд.

3. **Бо намӣ таъмин будани минтақа** – аз рӯи ҳаҷми боришот дар як сол муайян карда мешавад. Минтақаҳое, ки ҳаҷми боришоти солонаашон то 500-550 мм аст, ба мавзеъҳои обёришаванда дохил карда мешавад.

**4. Релефи маҳал** – аз рӯи релефи маҳал қитъаи замин метавонад дар ҳамворӣ ё худ дар баландию пастиҳои гуногун ҷой гирифта бошад. Меъёри муайянкунии қитъаи замини дар баландию пастиҳои гуногун буда аз рӯи тарафҳои нишебӣ, нишебии кӯтал ва дигаргуниҳои хок қабул карда мешавад.

Дар соҳаи токпарварии Тоҷикистон заминҳои 6-8 (дараҷа) баландӣ доштаиро кӯтал, 10-20 дараҷа баландӣ доштаиро кӯтали миёнаю баланд ва аз 20 дараҷа зиёдро кӯтали дастнорас мешуморанд.

Дар амал дар заминҳое, ки то 10-12 дараҷа баландӣ доранд, шинонидани токҳо ба намуди контурӣ (бо ҷойгиркунии рафти қатор кӯндаланг ба нишебӣ) маслиҳат дода мешавад. Агар нишебии заминҳо аз 10-12 дараҷа зиёд бошад, ба ташкил кардани зинабоғҳо маслиҳат дода мешавад. Аз рӯи нишондодҳои дар боло зикр шуда, ҳудуди минтақаҳо, қитъаҳо, равиши қаторҳо, дарозии онҳо, навъҳои ангур, сохтани зинабоғҳо муайян карда мешаванд.

Дар минтақаҳое, ки гармӣ нокифоя аст, токзор аз тарафи нишебиҳои гарм (ҷанубӣ, ҷанубу ғарбӣ, ҷанубу шарқӣ) бунёд карда мешавад. Дар мавзеъҳои пастхамӣ ва нишебиҳои чуқур (катлованҳо) бунёд кардани токзор тавсия карда намешавад, чунки ҳавои хунук дар пастиҳо ҷамъ шуда, такҳо дар фасли зимистон ва аввали баҳор зарари калон мебинанд. Ғайр аз ин дар пастиҳо гардиши ҳаво кам ба амал меояд ва токзор ба касалиҳои замбуруғӣ гирифтор мешавад, сифати ангур низ на чандон хуб аст.

- Пешгирӣ кардани обшӯйшавии замин - обшӯи замин дар сафедхокҳои Тоҷикистон хавфи калон дорад. Ва ба инобат нагирифтани он ба хоҷагиҳо метавонад зарари калони иқтисодӣ биёрад.
- Дар заминҳои доманакӯҳу кӯҳҳо барои пешгирӣ кардани обшӯйшавии замин гузаронидани тадбирҳои зерин ҳатмӣ мебошад.
- Пурра тахту ҳамвор кардани заминҳо.
- Сохтани зинабоғҳо дар заминҳое, ки аз 10-12 дараҷа зиёд нишебӣ доранд.
- Сохтани иншооти селҷамъкунанда ва селпарто.

Пешгирӣ кардани обшӯйшавӣ дар заминҳои нисбатан ҳамвор ба тартиби шинонидани токҳо, ҷойгир кардани роҳу пайраҳаҳо вобаста мебошад. Ҷойгир кунонидани токҳо ва роҳу пайраҳаҳоро бояд чунон ба нақша гирифт, ки ба ҷамъшавии оби барфу борон роҳ надиҳанд, вагарна ҷамъшавии об селро ба вуҷуд оварда, заминро шуста мебарад ва ба тартиб даровардани он ниҳоят душвор мешавад.

Бояд қайд кард, ки ток ба хок чандон ниёз надорад. Ба ғайр аз заминҳои шӯр ва ботлоқ дар ҳама гуна хокҳо сабзида ҳосил медиҳад. Аммо, маҳсулнокии токҳо дар ҳар замин ҳар хел аст.

Ба даст овардани ҳосили фаровон ва хушсифат водор мекунад, ки дар вақти интихоби замин барои ташкил кардани хаҷагиҳои токпарварӣ ба интихоби хокҳои гуногун ҳамчун воситаи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ эътибори махсус дода шавад.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj




Нақшаи ташкил намудани ҳудуди токзор

**Ташкили ҳудуди токзор:** Асоси ташкили ҳудуди токзор квартал аст, ки дар замиҳои ҳамвор ва кушод 25-50 ва 100 га масоҳат дорад. Аз ҳама сохти мувофиқ, ин росткунчаи дарозрӯя мебошад. Дар масоҳати 50 га дарозии квартал 1000 м ва бараш 500 м мешавад. Ҳар як квартал дар навбати худ ба қитъаҳои дарозиашон 100 м ҷудо карда мешавад. Қитъаҳо аз якдигар бо роҳҳои 4-6 м дохили кварталӣ ҷудо карда мешаванд.

Дар атрофи кварталҳо роҳҳои барашон 8-10 м ҷойгир карда меша-ванд. Ин роҳҳо ба ғайр аз ҳаракати нақлиёт боз барои гардиши трактору механизмҳое, ки дар токзор истифода бурда мешавад, муҳим мебо-шанд. Аз рӯи зарурият дар гирду атрофи ҳар як квартал ҷангалдеворҳои муҳофизатӣ бунёд карда мешавад (бо мақсади муҳо- физати токзор аз шамолҳои сахт, гармсел ва нигоҳдории намӣ).

Дар сурати дар минтақа ва мавзеъи токзори оянда мавҷуд набудани шамолҳои сахти зараровар ба бунёд кардани ҷангалдеворҳои муҳофизатӣ ҳоҷат нест. Дар заминҳои релефашон мураккаб масоҳати квартал, қитъаҳо ва рафти қаторҳо нисбат ба сатҳи замин муайян карда мешавад. Дар ҳама ҳолатҳо дар вақти муайян кардани рафти қаторҳои ток аз равшанӣ таъмин будани онҳо дар назар гирифта мешавад (равиш аз шимол ба ҷануб ҳисобида мешавад). Лекин бояд қайд кард, ки дар ҳолатҳои гуногун вобаста аз релефи маҳал рафти қатор дар ҷояш дуруст ба сатҳи замин муайян карда мешавад. Мисол, дар токзори обӣ рафти қатори токзор вобаста аз хамии замин ва дар мавзеъҳои кӯҳии релефашон мураккаб равиши қатори токзор кӯндаланг ба нишебӣ қабул карда мешавад.

**Таёр намудани замин ва ниҳолшинонӣ**

Таёр намудани замин дар асоси лоиҳа гузаронида мешавад. Пеш аз ҳама замини ҷудо карда шудар аз дарахту буттаҳо, сангу харсанг ва дигар чизҳои нолозим тоза карда мешавад. Заминҳоро аз алафҳои бегона, алалхусус ғумай, қамиш, аҷириқ, талха тоза менамоянд. Пеш аз тахту ҳамвор намудани замин, қабати ҳосилхези он (25-30 см)- ро алоҳида бурида ба як тараф тӯда мекунанд. Пас аз тахту ҳамвор кардан, хоки қабати ҳосилхези тӯдакардаро ба замин аз нав паҳн мекунанд. Вобаста ба ҳосилҳезии хок ба замин нуриҳои органикӣ ва маъданӣ (минералӣ) дароварда мешавад: ба ҳисоби 20-40 т/га пору, 600-700 кг/га суперфосфат, 150-200 кг/га нуриҳои калийро.

Дар заминҳои обӣ аз рӯи лоиҳа ҷӯйузаҳбурҳо сохта мешаванд. Дар заминҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳи иншоотҳои селгардон бунёд карда мешаванд.

Шудгори чуқур ё плантаж аз нарм кардани қабати замин дар чуқурии 60-70 см ва омехта кардани он иборат мебошад. Пеш аз он хусусияти хокро аз ҷихати химиявӣ

ва механикӣ маълум мекунанд. Зеро на ҳама вақт қабати поёнии заминро ба боло баровардан ба манфиати кор аст, махсусан агар хок санглох ё шӯр бошад.

Агар замин санглох, шағалзор, қумхок бошад, ҳоҷати шудгори плантажӣ нест. Ингуна заминҳоро бо олотҳои махсуси РН-80 Б, ки то 80 см ба замин медароядд, нарм кардан кифоя аст. Ҷуфти чуқур (шудгори плантажӣ) ба воситаи плуги **ПТУ-50 А** ё худ **ППН-50** гузаронида мешавад. Мӯҳлати шудгори плантажӣ вобаста аз вақти токшинонӣ муайян карда мешавад. Тирамоҳ барои ниҳолшинонии баҳорӣ ва баҳор барои ниҳолшинонии тирамоҳӣ гузаронида мешавад. Бояд таъкид кард, ки аз шудгори чуқур (плантаж) то бунёди токзор бояд 2-3 моҳ фурсат бошад. Ин барои нишастани хок зарур аст. Баъди фаро расидани вақт пеш аз шинонидани токҳо заминро ҳамвор мекунанд. Барои ин кӯндаланг ба самти плантаж заминро бо молаҳои вазнин ҳамвор кардан лозим. Сипас бо истифода аз дигар механизмхо заминро тахт менамоянд.

Нақшаи токшинонӣ дар токпарварӣ яке аз омилҳои муҳим ба шумор меравад. Аз дуруст интихоб намудани нақшаи токшинонӣ (ҳам байни қатор ва ҳам байни буттаҳо дар қатор) аз бисёр ҷиҳат ба нашъунамо, ҳосилнокии буттаҳо, дуруст истифода бурдани замин, трактору олоти кишоварзӣ вобастагии калон дорад. Нақшаи токшинонӣ аз бисёр ҷиҳат ба хусусияти биологии навъҳои ангур, технологияи парвариш, тарзи токдорӣ, шаклдиҳӣ ва токбурӣ алоқаманд мебошад.

Аз ин ҷиҳат, дар вақти ҳал намудани ин масъала, бояд омилҳои биологӣ, экологӣ, иқтисодӣ ва техникиро ба назар гирифт. Дар шароити Тоҷикистон ҳоло нақшаи шинонидани 3х2 ва 4х2 тавсия карда шудааст. Вобаста ба баъзе шароитҳо он каму беш тағир ёфтанаш мумкин. Вале нақшаи шинонидани байни қатор аз 3 м набояд кам бошад. Чунки ҳама техникаю олоти кишоварзӣ ба ҳамин нақша сохта шудааст.

Мисол дар заминҳои камҳосил ва навъҳое, ки суръати сабзиши суст доранд, байни буттаҳо дар қатор то 1,5 м қабул шавад беҳтар аст. Ё худ дар мавзеъҳое, ки ток дар фасли зимистон хокпӯш карда мешавад, барои осон шудани кор зарур аст, ё ки буттаҳо шакли начандон калон дошта бошанд, он гоҳ масофаи байни буттаҳо низ кам шуданашон мумкин. Баръакс, дар заминҳои ҳосилхезиашон баланд ва токзори обёришаванда нақшаи байни қатор ва байни буттаҳо дар қатор васеътар интихоб карда мешаванд. Пас аз ин ба тақсим кардани майдон шуруъ мекунанд.

Пеш аз ҳама бояд ду тарзи тақсимоти заминро фарқ кард: тақсимоти майдон ба квартал ва қитъа, инчунин роҳу пайраҳаҳо, ҷангалдеворҳои муҳофизатӣ ва тақсимоти дохили қитъавӣ, ки ҷои қатори токзор ва буттаҳо дар қатор муайян карда мешавад.

Мӯҳлати токшинонӣ вобаста аз тарзи токпарварӣ (лалмӣ ё худ обиёришаванда) каму беш фарқ мекунад. Дар заминҳои лалмӣ мӯҳлати хуби

токшинонӣ аввали баҳор моҳҳои март ва нимаи аввали апрел ҳисобида мешавад. Дар заминҳои обӣ ин мӯҳлат ҳам тирамоҳ ва ҳам баҳор гузаронида мешавад. Ин мӯҳлатҳо пеш аз ҳама бо мақсади аз намӣ таъмин будани замин муайян шудааст. Дар минтақаҳое, ки ток дар фасли зимистон хокпӯш карда мешвад мӯҳлати токшинонӣ авали баҳор фаро мерасад.

Пеш аз токшинонӣ ниҳолҳоро барои шинонидан тайёр мекунанд. Қабл аз ҳама ниҳолҳоро ду шабонарӯз дар об тар карда мемонанд. Баъд дар ниҳол як химчаи боқувватро интихоб намуда, 2-3 буғум монда мебуранд, химчаҳои дигпрро аз бехаш бурида аз ниҳол ҷудо мекунанд. Решаҳои дар болои танаи ниҳол ҷойдоштаро мебуранд, решаҳои дар байн ҷойгиршударо 5-6 см гузошта кӯтоҳ мекунанд, решаҳои асосии дар қисми поёнӣ будаpo 18-20 см монда мебуранд, решаҳои шикаста, касал ё худ пӯсидаро пурра бурида мепартоянд.

Баъди иҷрои корҳои тайёрӣ ниҳолҳоро ба шинонидан ба сари замин меоранд. Дар он ҷо дар ягон зарф ё чуқурӣ кофта бо омехтаи хоку пору ва об атолла (балтушка) тайёр мекунанд. Решаи ниҳолҳои ба шинонидан тайёрро ба атолла тар мекунанд ва онҳо барои шинонидан тайёр мешаванд. Токро одатан дастӣ ё худ бо истифода аз олоту мошинҳои гуногун мешинонанд.

Дастӣ шинонидани токро аз чуқурикобӣ сар мекунанд. Ҷои ниҳолҳои ток ба ҳисоби миёна бояд 40 см васеъгӣ ва 50 см чуқурӣ дошта бошад (васеъгӣ ва чуқрии ҷои ниҳолшинонӣ вобаста аз шароити токпарварӣ каму беш дигаргун мешавад).

Дар ҷумҳурӣ ҳоло навъҳои зиёди токи маҳалӣ, инчунин аз дигар давлатҳо овардашуда ва навъҳои селексияи ватанию хориҷӣ парвариш карда мешаванд.

**Навъҳои барвақтӣ -** Чиллагии сафед, Ҳисории барвақтӣ, Зариф.

**Навъҳои миёнапаз -**Ҳусайнӣ, Тагобӣ. Мухчелонӣ, Ҷанҷол қара. Гузал қара.

**Миёнаи дерпаз -** Султонӣ, Анзоб.

**Дерпаз -** Тойфии гулобӣ, Нимранг.

**Навъҳои техникӣ** – Рикатсителӣ, Саперавӣ. Алиготе, Алиатико, Рислинг, Кулҷинӣ, Тербаш, Мускти гулобӣ, Расмӣ, Бахтиёрӣ, Пинои сиёҳ, Баян-ширей, Каберне, Соҳибӣ.

**Навъҳои кишмиши -** Кишмиши сиёҳ, Кишмиши сафед, Кишмиши хисравӣ ва ғайра.

www.aist.tj

## Нигоҳубини токзор

Нигоҳубини токзорҳо аз чорабиниҳои зерин иборат аст: шудгори тирамоҳӣ дар чуқурии 30-35 см ҳар сол; 3-4 маротиба коркарди байни қатори токзор дар фаслҳои баҳору тобистон дар чуқурии 12-15 см; нарм ва нобуд кардани алафҳои бегонаи атрофи кундаи ток ба воситаи белу каланд; нуриандозӣ – нуриҳои органикӣ 20-40 т/га як маротиба дар 2-4 сол, нуриҳои фосфорӣ 90-100 кг/га ва калийгӣ 45-60

кг/га дар фасли тирамоҳ ҷўяк дар миён ҳар сол ва нуриҳои нитрогендор 120 кг/га дар ду мўҳлат пеш аз гул ва 20- рўз пас аз гулкунӣ ҳамчун ғизои иловагӣ дода мешавад. Бояд ёдрас шуд, ки дар токзори ҷавон аз соли дуюм сар карда то 50% меъёри солонаи нуриҳои нитрогении токзори ҳосилдеҳро додан лозим аст.

Ба токҳои чорсола меъёри солонаи нурии дар боло зикршуда дода мешавад. Давраҳои обёрӣ ва меъёри он вобаста аз шароити табиии минтақаҳо ва хусусияти хок тағир меёбад. Дар заминҳои гилхок, серғизо ва боқувват додани об ба миқдори 800-900м$^3$га тавсия дода шудааст.

Дар заминҳои қумхок, шағалзор ва санглох обро ба миқдори 400-450 м$^3$га дода, давраи обдиҳиро кўтоҳтар мекунанд. Вобаста ба шароит, мўҳлати обмонӣ аз моҳи апрел то сентябр аст. Пас ба токзори ҷавон 10-12 маротиба об мондан зарур шуданаш мумкин. Шумораи обмонӣ дар токзори ҳосилдеҳ нисбатан камтар аст.



БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО

**Шаклдиҳии токзор**

Яке аз чорабиниҳои муҳим ва ҳалкунанда дар токзори ҷавон, ин ба токҳо додани шакли муайян аст. Шакли интихобшуда бояд ба талаботи зерин ҷавобгў бошад.

www.aist.tj

- Сабзиши мўътадили бутта ва ҳосили баланду хушсифатро таъмин намояд
- Кори дастиро осон намояд.
- Ба обу ҳавои минтақа (мавзеъ), хосияти биологии навъҳои ангур ва унсурҳои технологии қабулкардашуда ҷавобгў бошад.
- Омилҳои экологӣ (ҳарорат, равшанӣ, намӣ ва гайраро) самаранок исти-фода бурда тавонад.

- Барои ҳаматарафа истифода бурдани мошинҳои кишоварзӣ ҷавоб дода тавонад.
- Ба воситаи токбурӣ ва дигар омилҳои технологӣ имконияти паст кардани сабзишӣ қутбӣ, идора кардани сабзиши умумӣ ва қисмҳои алоҳидаи буттаи ток ва додани сарбории муътадилро таъмин намояд.

Бо назардошти қоидаҳои дар боло зикршуда дар мавзеъҳои иқлимашон хунук, ба буттаи ток шаклҳои бетана дода мешаванд, то ки дар фасли зимистон хокпӯш кардани буттаҳо осон шавад.

Дар минтақаҳои иқлимашон нисбатан гарм, аксар вақт ба токҳо шакли танадор медиҳанд, то ки омилҳои муҳити атрофро самаронок истифода бурда тавонанд. Ҳоло дар Тоҷикистон, барои токҳои саноатӣ асосан ду тарзи шаклдиҳӣ тавсия шудааст:

1. **Шакли бисёрпанҷаи бодбезакмонанд.**
2. **Шакли баландпоя.**

Солҳои охир дар бисёр ноҳияҳои токпарварии ҷумҳурӣ шаклдиҳии буттаҳои ток бо усули воиш ҷорӣ шуда истодааст. Ин тарзи бардоштани ток дар болои хавозаи маъмули воишӣ мебошад. Бартарии ин усул дар он аст, ки ба хусусияти биологии растанӣ мувофиқ аст ва аз ҳар гектар ҳосили босифат рӯёнида мешавад.

Барои бунёди хавоза дар токзор пояҳои 1,8-2 м уствор шинонида шуда аз болои онҳо пас аз ҳар 2-3 м болорҳои пурқуввати чӯбин ё оҳанин васл карда мешавад. Аз болои ин болорҳо ба қаду бар сими 2,5-3 мм тавре кашида мешавад, ки ба симтӯри 40x40 см ҳуҷрадор монанд шавд.






*Тарзи тартибдиҳии шакли бисёрпанҷаи бодбезакмонанди яксамта* *Тарзи тартибдиҳи шакли бисёрпанҷаи бодбезакмонанди танадор*




*Тарзи тартибдиҳи шакли бисёрпанҷаи бодбезакмонанди бе тана*



*Тарзи тартибдиҳи шакли воишии ток*




*Тарзи тартибдиҳи шакли баландпояи ток*

Солҳои охир аз сабаби камёфт ва қимат шудани нархи сутунҳои оҳану бетонӣ ва сим хоҷагиҳо дар токзор хавоза бунёд карда наметавонанд. Аз ин лиҳоз ба таври

бехавоза парвариш кардани токҳо дар заминҳои лалмии релефашон мураккаб ва майдонҳои начандон васеъ тавсия дода шудааст.

**Парвариши ниҳолҳои ток**

Ниҳол асоси токпарварӣ Буда, самаранокии соҳа аз он бисёр вобаста аст. Аз ин лиҳоз дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ хоҷагиҳои махсуси ниҳолпарварӣ ташкил



карда шудааст. Вазифаи асосии ин хоҷагиҳо аз парвариши навъҳои тозаи ниҳоли ток ва дигар дарахтони мевагии ба талаботҳои стандартӣ мувофиқ иборат мебошад.

Қисми таркибии хоҷагиҳои ниҳолпарварӣ, ки ба истеҳсоли ниҳоли ток машғуланд, аз инҳо иборатанд: боғҳои модарии навъҳои ба шароити маҳал мутобиқ ангур, ки аз он ҷо қаламчаҳоро барои парвариши ниҳол тайёр мекунанд; қитъаи замини ҳосилхези обӣ бо майдонҳои киштгардон, ки дар он ҷо ниҳоли ток парвариш карда мешавад; анборҳои махсус барои нигоҳдории қаламчаҳо ва ниҳолҳо; хандаққо; гармхонаҳои махсус барои тайёр намудани қаламчаҳо барои шинонидан ва ғайра.

Дар амалия қаламчаҳои токро аз токзори қаламчадеҳи модарӣ ё худ токзорӣ ҳосилдеҳи муқаррарие, ки пешакӣ буттаҳои ток аз рӯи маҳсулнокӣ, қувваи сабзиш, солимӣ, ба ин ё он навъи ток мансуб будан аниқ карда ва нишона гузошта шудааст, таёр карда мешаванд.

Мӯҳлати таёр кардани қаламчаҳо вобаста ба шароити минтақаҳои токпарварӣ муаян карда мешавад. Дар минтақаҳое, ки таҳдиди сармо ба назар мерасад ва токзорӣ хокпӯшшаванда қаламчаҳоро дар фасли тирамоҳ тайор мекунанд. Дар минтақаҳои боқимонда дар тамоми давраи карахтии ток ғайр аз рӯзҳои сармо гузаронида мешавад. Мавриди баҳорӣ таёр кардани қаламча заруряти дуру дароз нигоҳдории онро аз байн мебарад.

Дар вақти тайёр намудани қаламчаҳо навдаҳои ба пуррагӣ пухта расидаю



солимро, ки муғҷаҳояшон нағз ташаккул ёфтааст, мегиранд. Навдаҳои буридаро аз печакҳо ва навдаҳои бағалӣ тоза карда, қаламчаҳоро бо дарозии 4-5 муғҷа ё ки ба дарозии дукаратии он 8-10 муғҷа мебуранд. Бояд ғафсии болои қаламча аз 5-6мм кам набошад.

Дар ин маврид аз навдаҳои бағалии нағз инкишофёфта ва хуб пухта расида, ки ғафсиашон мувофиқ аст, низ қаламча тайёр кардан мумкин. Дар

вақти тайёр намудани қалача химчаҳои осебрасида, качу килеб, масофаи байни буғумҳояшон дароз истифода бурда намешавад.

Қаламчаҳои тайёр намударо бандча баста, сару поинашро баробар мекунанд ва бо сими мулоим ё худ риштаҳои капронӣ аз ду ҷояш мебанданд. Ҳар бандча бояд аз 200-250 қаламча иборат бошад (онҳо то имкон сахтар баста мешаванд). Ба ҳар як бандча тамғаи тахтагие, ки дар он бо қалам номи навъи ток ва миқдори қаламча навишта шудааст меовезанд. Қаламчаҳои тайёр кардашударо дар хандақҳо нигоҳ медоранд. Хандақҳоро дар ҷойҳои баланди дорои минтақаи дарахтони муҳофизатӣ мекананда (бараш 100 см, чуқуриаш 70-80 см). Дарозӣ ва адади хандақ аз миқдори қаламча вобаста аст. Ба хандақ аввал бо ғафсии 5-7 см қуми намнок рехтан даркор.

Бандчаҳои қаламча дар хандақҳо ба таври амудӣ бо ҳам зич гузошта меша-ванд. Фазои байни бандчаҳоро бо реги намнок пур кардан зарур аст. Аз болои бандчаҳои қаламча бо ғафсии 25-30см хок пушида мешавад.




Пеш аз шинонидани қаламчаҳо барои он ки раванди кушодашавии муғҷаҳо суст ва сабзиши реша тезонида шаваду ниҳолҳои пурқувват ба даст дарояд, усулҳои гуногунии ба шинонидан омодасозии қаламчаҳо истифода мешаванд. Усули нисбатан паҳншуда синҷикунонии (саропойгузории) қаламчаҳо аст. Ба ин мақсад хандақи чуқуриаш 80 см ва бараш 1-1,5 м мекананд. Бандчаҳоро дар хандақи таёр-карда саропой тарзе мегузо-ранд, ки болои онҳо як ҳамвории уфуқӣ дошта бошад. Фазои байни бандчаҳоро бо реги намнок пур мекунанд. Пас аз ин ба болои бандчаҳо бо қабати 3-5 см арамайда ё қум пошида аз болои он бо ғафсии 15-20 см пору мехобонанд. Поруро сернам мекунанд. Сипас бо плёнкаи полиэтиленӣ мепушонанд. Дар рӯзҳои гарм хандақро шамол медиҳанд. Нигоҳубини минбаъдаи қаламчаҳо аз намнок кардани пору (ҳар ду - се рӯз) иборат



аст. Мӯҳлати анҷомии кор ҳамон вақт фаро мерасад, ки агар дар рӯи ҳамвории буридашудаи аксаряти қаламчаҳо бофтаи равшани мулоим (решахона) пайдо шавад. Давомоти дар хандақ нигоҳ доштани қаламчаҳо то пайдоиши решахона (калюс) 22-25 рӯз мебошад.

Сипас дар замини пешакӣ тайёр

кардашуда қаламчаҳоро мешинонанд. Нақшаи шинонидан 60x4; 70x3,5 см (аз 400 то 480 ҳазор қаламча дар 1 га).

Дар давраи нашъунамо 3-4 маротиба коркарди байни қаторҳо ва хишоваи алафҳои бегонаро мегузаронанд ду маротиба ғизо дода мешавад: бори якум дар авали моҳи июн-нуриҳои нитрогендор 75-80кг/га аз рӯи моддаи таъсирбахш: маротибаи дуюм дар авали моҳи июл 70-80 кг азот, 30-40 кг/га фосфор ва 30 кг/га калий аз рӯи моддаи таъсирбахш. Барои дар сатҳи 70-75% нигоҳ доштани намнокӣ 6-8 маротиба бо меъёри 600-800 $м^3$/г об монда хоҳад шуд.

Аз рӯи зарурият ба муқобили касалӣ ва ҳашароти зррасон кор-кардӣ химиявӣ гузаронида мешавад. Ниҳолҳои тайёршуда бояд аз ҷиҳати навъӣ тоза, хуб инкишоф ёфта ва бенуқсон бошад. Дарозии химчаҳои расида на бояд аз 25-26 см кам бошад, онҳо бояд 3-4 муғчаҳои хуб инкишофёфта дошта бошанд. Диаметри химча дар асосаш аз 5 мм ва дар мавриди ду химчаи асосии дошта (ҷамъи диаметри ҳар ду химча) аз 8 мм кам набошад. Ниҳол бояд на кам аз 3 решаи асоси (ғафсиашон аз 2 мм зиёд, дарозиашон на кам аз 8см) дошта бошад.




**Афзоиш бо роҳи фарғонкунӣ**

*А - бо воситаи химчаи пухтарасида;*

*Б - бо воситаи навдаи сабз.*

## МУҲОФИЗАТИ БОҒҲО АЗ ЗАРАРРАСОНҲО ВА КАСАЛИҲО

Дар боғҳо миқдори зиёди организмҳои зараррасон афзоиш ва инкишоф мeёбанд ва ба тамоми узвҳои дарахтон – реша, танаю шох, муғча, барг, ғунча, гул ва мева зарар мерасонанд.

Ба дарахтони мевадиҳанда зараррасонҳо – мевахӯракҳо, миттаҳо, ширинчаҳо, канаҳо, баргпечонҳо, ганданафасакҳо, зиреҳакҳо, шабӯшакҳо ва ғайра, инчунин касалиҳо – қутӯраку, сӯзиши вертисиллезӣ, гардзанӣ, саратони сиёҳ, саратони реша, ситоспороз, баргпеч, монилиоз (пусиши мева), клястероспориоз ва ғайра осеби калон мерасонанд. Бинобар ин, агар дар вақташ бар зидди онҳо мубориза бурда нашаванд, аз нисф зиёди ҳосил талаф ёфта, сифати он паст мегардад.

Барои ҳифзи боғҳо аз организмҳои зараррасон системаи интегратсионии мубаризаро ҷорӣ намудан лозим аст. Ин система аз нуқтаи назари илмӣ ва алоқамандона истфода бурдани ҳамаи усулҳои мубориза (профилактикӣ, агротехникӣ, физикию механикӣ, тадбирҳои карантинӣ, биологию химиявӣ) иборат буда, мақсади кам кардани миқдори зараррасонию паҳншавии касалиҳоро то дараҷаи ҳиснашаванда ва баланд бардоштани фаъолияти организмҳои фоиданоки табииро дорад. Иҷро накардани як-ду усули мубориза боиси вайроншавии системаи интег- ратсионӣ мегардад ва ба даст даровардани ҳосили баланду хушсифатро номумкин месозад.

Барои он ки зараррасонҳою барангезанди касалиҳо нисбат ба препаратҳои химиявии истифода шаванда хусусияти истодагарӣ ва устуворӣ пайдо накунанд, бояд тарзу усули иваз карда пошидани онҳо дар боғ дар назар дошта шавад.

Хангоми истифодаи моддаҳои кимиёвии заҳрнок бар зидди организмҳои зараррасон дар боғ бояд тамоми талаботҳое, ки дар «Дастурамали техникаи бехатарӣ оиди нигоҳдорӣ, интиқол ва истифодаи пестисидҳо дар хоҷагии қишлоқ» нишон дода шудаанд, ҳатман ва ба таври ҷиддӣ риоя карда шаванд.

www.aist.tj



Баъзе аз намудҳои касалӣ ва зарররасонҳои дарахтони мевадиҳанда

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

**Шарҳи ихтисорот:**

*(шакли препаративии пеститсидҳо)*

Э К- *эмулсияи консентратӣ;*

КС- *консентрати супензионӣ;*

ХҲ- *хокаи ҳалнашаванда;*

МО - *маҳлули обӣ;*

Хам.-*хамирамонанд;*

Х.Д.О.Ҳ- *хокаи дар об ҳалшаванда;*

Х-*хока;*

Э.Р.Н.- *эмулсияи равғанҳои нефт;*

К. Д. О. Ҳ.- *консентрати дар об ҳалшаванда;*

КОЛ.- *коллоидӣ;*

Сусп.- *суспензия;*

Эмул.- *эмулсия;*

ХК- *хокаи кристалӣ;*

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

## АДАБИЁТИ ИЛОВАГӢ

1.Викторский Г.П., Плодоводство Северного Таджикистан, Л., 1935
2.Розанов Б.С. (ва диг.) Плодоводство Таджикистана, Д., 1970
3.Сильвандер В.Г., Дастури боғбон, Д., 1981
4.Яковлев П.И., Плодоводство Таджикистана, С., 1948
5.Чула В.И., Эшонқулов У.Э., Культура цитрусовьх в Таджикистане.Д., 1983
6.Эргашев А., Қориев Б., Сорта и высокоурожайных форми абрикоса Северного Таджикистана. Ленинадад., 1992
7.Маҳмадбеков С., Цитрусоводство в Таджикистане. Д., 1978
8. Гулов С.М., Боғдории субтропикӣ. Душанбе. 1998
9. Гулов С.М., Мадаминов В.С., Технологияи парвариши хурмои шарқӣ. Душанбе. 2005
10. Гулов С.М., Ситруспарварӣ, Душанбе. 2006
11. Гулов С.М., Мевапарварӣ, Душанбе. 2007
12. Гулов С.М., Меваҳои гармдӯсти Тоҷикистон, Душанбе. 2008
13. Гулов С.М.,(ва диг.), Тавсиянома оид ба технологияи парвариши анор. Душанбе. 2009
14.Ӯрунов. Ф.Ӯ., Гулов С.М., Тавсиянома оид ба боғдории лалмӣ. Д. 2004
15.Ӯрунов. Ф.Ӯ., Гулов С.М., Бунёд ва парвариши боғҳои интенсивии ҷавон дар Тоҷикистон. Душанбе. 2005
16. Ӯрунов. Ф.Ӯ., Ниҳолпарварӣ, Душанбе. 2008
17.Смирнов В.К.,(ва диг.), Виноградарство, М. 1987
18. Кирилов И.Ф.,(ва диг.), Виноградарство Таджикистана, Д. 1970
19.Шукуров Н.Ш., Хомток, Д. 1992
20. Раҷабов К.Р., Токбурӣ, Д. 1989
21. Раҷабов К.Р., Маълумотномаи Токпарвар, Д. 1986
22. СПИСОК пестицидов и агрохимикатов, разрешенных для применения в сельском хозяйстве Республики Таджикистан. –Душанбе, 2005.
23. Вредители и болезни сельскохозяйственных культур Таджикистана / Под ред. академика АН РТ М. Нарзикулова, к.б.н. Б.М.Перегонченко.Д, 1968.
24. Защита и карантин растений (журналы).
25. Султанова М.Х., Ахмедов А.М., Ташпулатов М.М., Солихов Дж. М.. Болезни и вредители плодового семечкового сада и меры борьбы с ним (на русс. и тадж. языках). –Душанбе, 2008.

## МУНДАРИҶА


1. Пешгуфтор.
2. Интихоби замини боғ ва коркарди он пеш аз шинонидани ниҳолҳо.
3. Пайвандтакҳо  ва тартиби ҷойдиҳии дарахтони боғ.
4. Навъҳои тавсияшудаи дарахтони мевадиҳанда.
5. Шинонидани ниҳолҳо дар боғ.
6. Шаклдиҳӣ ва буридани дарахтони ҷавон.
7. Нигоҳубини замини боғҳо.
8. Ғизодиҳии боғҳо.
9. Обёрии боғҳо.
10. Ниҳолпарварӣ.
11. Тавсия оид ба боғҳои лалмӣ.
12. Тавсия оид ба токпарварӣ.
13. Муҳофизати боғҳо аз заррарасонҳо ва касалиҳо.
14. Адабиётҳои  иловагӣ.


БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj